**GUID 5260**

# Идоракунии дороиҳои давлатӣ

INTOSAI

Дастурамали INTOSAI аз ҷониби Созмони байналмилалии мақомоти олии аудит (INTOSAI), ҳамчун қисмати низоми ҳуҷҷатҳои касбии (СБМОА) нашр мешаванд. Ҷиҳати дарёфти иттилооти иловагӣ аз веб-сомонаи www.issai.org боздид намоед.

Ҳуҷҷати тахминии IFPP – ҳуҷҷати мазкур до таъсиси Низоми касбии изҳоротӣ INTOSAI (IFPP) дар соли 2016 таҳия гардидааст. Аз ин лиҳоз, ҳуҷҷати мазкур нисбатан аз дигар ҳуҷҷатҳои минбаъдаи Дастурҳои Созмони байналмилалии мақомоти олии аудит (INTOSAI) оид ба аудтит тафовут дорад.

INTOSAI, 2019

1. Соли 2016 мувофиқа шудааст, ҳамчун INTOSAI GOV 9160 – Беҳтарсозии идоракунии мавҷудаи дороиҳои давлатӣ - Принсипҳои татбиқшудаи идоракнуӣ
2. Бо таъсиси низоми изҳороти касбии Intosai (IFPP) ва номгузоришудаи GUID 5260 – Идоракунии дороиҳои оммавӣ бо таҳриру тағйирот дар соли 2019.

## МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот** 5
**МУҚҚАДДИМА** **6**
**1. ИСТИЛОҲОТИ АСОСӢ** 10
Ҳисобот 10
Дороиҳо 11
Коррупция 12
Қаллобӣ 13
Идоракунии хуб 13
Мақсад 17
Пулшӯӣ 18
Идоракунии хавфҳо 18
Баҳогузории хавфҳо 19
Ҷонибҳои манфиатдор 20
Шаффофият 20
2. **НАҚШ ВА ВАЗИФАҲОИ ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР ДАР АМАЛИСОЗИИ ИДОРАКУНИИ ХУБИ ДОРОИҲОИ ДАВЛАТӢ** 21
Мақомоти қонунбарор ва банизомдарор 21
Комитетҳо оид ба аудит 21
Ҳукумат 22
Зерсохторҳои иктишофи (разведкаи) молиявӣ 22
Мақомоти олии аудит 23
Дигар ташкилотҳои аудити беруна 24
Дигар ҷонибҳои манфиатдор 24
Аудиторони дохилӣ 24
Менеҷерон 25
Кормандон 25
3. **БАҲОГУЗОРИИ МЕЪЁРҲОИ ИДОРАКУНИИ ХУБИ ДОРОИҲОИ ДАВЛАТӢ** 26
Низоми идоракунии дороиҳо 26
Стратегияи идоракунии дороиҳо 28
Нақшаи дастраснамоӣ 29
Нақшаи кор 30
Нақшаи хизматрасонӣ 30
Нақшаи нобудсозӣ 30
Нақшаи идоракунии капитал 31
Роҳбарӣ аз рӯи сиёсат ва тартиби идоракунии дороиҳо 32
Реестри дороиҳо 33
Баҳогузории фаъолнокӣ 34
Аудиторони беруна, мақомоти банизомдарор ва дигар ташкилотҳои беруна 36
Аудити дохилӣ ва ҳамкорӣ бо аудити беруна 37
Нақши аудити дохилӣ 38
Ҳисобот оид ба фаъолияти мақомоти олии аудит 40
Ҳисоботҳо оид ба фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ
Сомона ва бюлетенҳои иттилоотии ахбори ҷамъиятӣ 41
4. **БАҲОГУЗОРИИ МЕЪЁРҲОИ ИДОРАКУНИИ ХУБ АЗ БОЛОИ ДОРОИҲОИ ДАВЛАТӢ**

42
Талаботҳои асосӣ нисбат ба муассисаҳои олии ревизионӣ 43
Принсипҳои идоракунии мувофиқ 44
Риояи принсипи баробарӣ 45
Ба вуҷуд овардани ризоияти шаҳрвандӣ 46
Баланд бардоштани шаффофият 47
Баҳогузории идоракунии захираҳои инсонӣ 48
Шикоят ва дархостҳо 49
Пешгирӣ намудани бархӯрди манфиатҳо ва дигар сӯиистифоданамоиҳо 50
Вайронсозии ҷараёни қонунбарорӣ 51
Озодии аз меъёр зиёди фаъолияти шахсони мансабдори давлатӣ ва бархӯрди манфиатҳо 52
Мавҷуд набудани ҳисоботдиҳӣ ёки ва истифодабарии номувофиқи он 50
Заифии санҷиш ва назорати дохилӣ 51
Заифии низоми бақайдгирии муҳосибавӣ 52
Истифода набурдани принсипи ҳуҷҷатгузорӣ ва ҳисоботдиҳӣ 56
Истифодабарии аз меъёр зиёди субпудратчиҳо ва миёнаравҳо 56
Баландбардории самарабахшии идоракунӣ бо кӯмаки кормандони алоҳида 56
Дигар қадамҳои мушаххас оид ба мубориза бар зидди коррупсия тавассути беҳтар намудани идоракунии мазкур барои дороиҳои давлатӣ 58
5.**ҲАМКОРӢ БАРОИ ИДОРАКУНИИ ХУБ ТАВАССУТИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО** 59
**ЗАМИМА : АДАБИЁТ** 62

**Рӯйхати ихтисорот**

ISA – Меъёрҳои байналмилалии аудит

INTOSAI – Ташкилоти байналмилалии мақомоти олии аудит

IIA – Институти аудиторони дохилии

MOA – Муассисаи олии аудит

AML – Мубориза бар зидди шӯсташӯи воситаҳои пулӣ

WGFACML – Гурӯҳи корӣ оид ба мубориза бар зидди коррупсия ва шӯсташӯи воситаҳои пулӣ

COSO – Комитаи ташкилотҳои сарпарастии комиссияҳои Treadway O&M – Истифодабарӣ ва хизматрасонии техникӣ

FATF – Гурӯҳи таҳияи андозаҳои молиявии мубориза бар зидди шӯсташавии пул

FIU – Гурӯҳи ҷосусии молиявӣ

SETC – Махсусгардонии шартҳои асосии шартнома

ERM – Идоракунии хавфҳои муассиса

HR – Нерӯи инсонӣ

PMI – Институти идоракунӣ аз болои лоиҳаҳо

CMP – нақшаи идоракунии капитал

AMG – Роҳбарӣ оид ба сиёсат ва равандҳои идоракунии дороиҳо

Ташкилоти байналмилалии мақоми олии аудит (INTOSAI) – ин ташкилоти автономӣ, мустақил, касбӣ ва ғайрисиёсиест, ки ба аудиторони ҳукуматии тамоми дунё барои муҳокимаи масъалаҳое, ки манфиатҳои ҳамдигариро баррасӣ менамоянд ва дар ҷарёни ҳодисаҳои навтарин қарор доштанро дар самти аудит ва дигар соҳаҳо таъмин месозад, пешниҳод менамояд.[1] Барои ноил гаштан ба мақсад INTOSAI кори худро дар атрофи чор ҳадафи стратегӣ ба роҳ мемонад: (1) ҳисоботдиҳӣ ва меъёрҳои касбӣ, (2) рушди нерӯи институтсионалӣ, (3) табодули донишҳо ва (4) Ташкилоти байналмилалии намунавӣ.

Зеро, ки мақоми олии аудит (МОА) дар аудити ҳисобҳои давлатӣ ва муомилот, инчунин дар пешбурди идоракунии дурусти молиявӣ ва ҳисоботдиҳии умумӣ дар ҳукуматҳои худ нақши муҳим мебозанд, INTOSAI ҳамкорӣ ва такмили доимии МОА-ро тавассути мубодилаи афкор ва таҷриба ташвиқ менамояд. Ин табодули донишҳо метавонад муайян кардани меъёрҳо, гузаронидани тадқиқот оид ба таҷрибаи пешқадам, омодасозии маводҳои роҳбарикунанда оид ба аудит ва иҷроиши тадқиқот доир ба масъалаҳоеро, ки мавриди таваҷҷуҳ ва нигаронии тарафайн қарор мегиранд, ба роҳ монад. Дар ин моҳияти ҳадафҳои стратегӣ 3 INTOSAI «Табодули донишҳо ва хизматрасонии дониш», дар чорчӯбаи гурӯҳи корӣ оид ба мубориза бар зидди коррупсия ва шӯсташавии пул ташкил карда шуда буд. (WGFACML).

Ҳамин тариқ, WGFACML кӯшиш менамояд, яке аз афзалиятҳои стратегии INTOSAI-ро нигоҳ дорад: «Муборизаи минбаъда бо коррупсия». Коррупсия – проблемаи ба таври васеъ доман паҳннамудаест, ки ба сармоягузории давлатӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва шукуфоии иҷтимоӣ таҳдиди хатар намуда, барои таъминнокии иҷтимоӣ ва маҳдудсозии сатҳи камбизоатӣ монеа эҷод менамояд. [2]

*INTOSAI (октябр с. 2010 ). Нақшаи Стратегӣ барои солҳои 2011-2016.*

1 *Муайянсозии васеи коррупсия дар Индекси Transparency International пешниҳод шудааст.*

Бо назардошти он, ки вазифаи асосии МОА санҷиши он масъалаҳое ба шумор меравад, ки оё воситаҳои давлатӣ сарфакорона ва самаранок, мутобиқ бо қоидаҳои амалкунанда ва низомномаҳо харҷ карда мешаванд ё на, инчунин саҳми онҳо дар мубориза бо коррупсия намуна ба шумор рафта, вазифаҳои худро оид ба таъминсозии шаффофият ва пешгирӣ тавассути ҳукумат иҷро менамояд. Вазифаи асосии МОА - таҳлили идоракунии ташкилотҳои давлатӣ ва ҳифзи дороиҳои давлатӣ аз истифодаи нодуруст, қаллобӣ ва коррупсия иборат мебошад. Аудити олӣ шаффофиятро таъмин менамояд, хавфҳоро аён месозад ва назорати дохилиро пурқувват намуда, дар ҳолати мавҷудияти коррупсия мутобиқ ба муҳтавои Конвенсияи Ташкилотҳои Миллали Муттаҳид бар зидди коррупсия, онро пешгирӣ менамояд.[3]

Барои пешгирии самарабахши коррупсия ва мубориза алайҳи он INTOSAI, МОА - и пурқувват мустақил ва бисёрсамтаро талаб менамояд. Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф ва инкишофи идоракунӣ INTOSAI сохтори рӯзмарраи меъёрҳои байналмиллалии касбиро таъмин ва дастгирӣ менамояд, ки ба вазифаҳо ва талаботи аъзоёни МОА ва ҷонибҳои манфиатдор мутобиқат менамояд.

***GUID 5260** – Идоракунии дороиҳои давлатӣ* - санадест, ки аз ҷониби Гурӯҳи кории мубориза бо коррупсия ва шусташавии пул, дар партави таъсири бухрони ҷаҳонии молиявӣ пас аз эътирофи зарурати принсипҳои роҳнамо, ки ба нақши МОА дар баландбардории поквиҷдонӣ, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва идоракунии дурусти дороиҳои давлатӣ ба муассисаҳои давлатӣ мансуб буда, таҳия шудааст.

Консепсияи асосии "идоракунии хуб" барои рушди устувори ҷомеаҳо ва миллатҳо шароити муҳайё дорад. Ин маънои идоракунии салоҳиятноки нерӯҳои мамлакат ва вазифаҳои давлатии дахлдор, ба таври шаффоф, ҳисоботдиҳанда, одилона ва бо назардошти талаботи одамон доро мебошад. Ҳамин тариқ, татбиқи идоракунии хуб, он муҳитеро фароҳам меорад, ки ба рафтори коррупсионӣ ёки дигар гуна рафтори ғайриэтикӣ замина фароҳам намеорад. Ҳарчанд ки ҳукуматҳо барои фароҳам овардани чунин муҳит масъулияти аввалиндараҷа бар дӯш доранд, аммо масъалаҳои идоракунӣ дар ҳар як кишвар фарқ мекунад ва роҳҳои ҳалли мушкилоти идоракунӣ бояд ба таври инфиродӣ танзим карда шаванд. Ҳар як МОА дар таъмини идоракунии хуб нақши калидӣ дорад.

Дар ин масъала идоракунии дороиҳо ҷузъи муҳими идоракунии хуб дар бахши хусусӣ ва ҳам давлатӣ ба шумор меравад ва он бояд бо банақшагирии стратегӣ, корпоративӣ ва молиявии ташкилот мутобиқ карда шавад. Тахмин кардан мумкин аст, ки барои баланд бардоштани малакаҳои идоракунии дороиҳои ҷамъиятӣ малакаҳои идоракунии захираҳои давлатиро такмил додан зарур аст.

---

2 *Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид алайҳи коррупсия , Ню-Йорк, с. 2004 , http://www.unodc.org/unodc/en/treaties/CAC/ [дастрасӣ: 03.08.2015].*

Ба таҷрибаҳои худӣ такя намуда, WGFACML баъзе аз принсипҳои идоракунии умумии роҳбарикунандаро муайян намуд, ки ба МОА такмилдиҳии идоракунии дороиҳои ҷамъиятиро имкон медиҳад. Ин принсипҳо ва чӣ гуна МОА онҳоро амалӣ карда метавонад, дар ин санад баррасӣ шудааст.

Мақсади дастур – кумак расонидан ба МОА дар баҳогузории ҷонибҳои заиф ва пурқуввате, ки таҷрибаи вуҷуддоштаи идоракунии корпоративиро дар робита бо идоракунии дороиҳои давлатӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳо амалӣ менамояд, мебошад. Дастур ба шаш боб тақсим карда шудааст.

Дар боби аввали "Истилоҳҳои асосӣ" истилоҳҳое муайян карда мешаванд, ки ба мавзӯъҳои асосии дар ин дастур баррасишуда марбутанд. Ба ҷуз аз ин, присипҳо ва ҳаҷми идоракунии мазкур оварда шудаанд.
Дар боби дуввум «Нақш ва вазифаҳои тарафҳои манфиатдор дар беҳтарсозии идоракунии мазкур аз болои дороиҳои давлатӣ» тамоми ҷонибҳои иштирокчӣ ва нақши асосии онҳо муайян карда шудаанд. Инчунин ҳамоҳангсозӣ ва муошират миёни ҷонибҳои манфиатдор ёдрас карда мешавад. Дар ин боб салоҳияти ҷонибҳои манфиатдор оварда мешавад, ҷонибҳои пурқувват ва заиф, ҳамоҳангсозии онҳо баҳогузорӣ карда мешаванд ва мушкилоти минбаъда муайян карда мешавад.

Боби се, «Баҳогузории меъёрҳои идоракунии давлатии дороиҳои ҷамъияти»-и хонандаро бо механизмҳои гуногуни дастрас ёки амалҳои потенсиалӣ ошно намудан мебошад, ки метавонанд аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҳангоми баҳогузорӣ ва кӯшиши беҳтар сохтани хусусияти асосӣ ёки принсипҳои идоракунии мазкур барои ҷомеа истифода бурда шаванд. Ҳамин тариқ, дар ин боб маълумот дар бораи чӣ гуна ташкилоти аудитшавандаро ҳисоботӣ кунонидан ва ҷалб намудани онҳо ба иштироки минбаъда бо ҷонибҳои манфиатдори худ пешниҳод карда шудааст.

Дар боби чорум «нақши мақомоти олии назорати молиявӣ дар беҳтарсозии идоракунии дороиҳои давлатӣ», як қатор нақшҳои мушаххас ва вазифаҳои МОА муайян карда мешавад. Дар ин боб инчунин озодии аз меъёр зиёди фаъолияти хизматчиҳои давлатӣ ва идоракунии ихтилофи манфиатҳо баррасӣ карда мешаванд.

Боби панҷум «Ҳамкории идоракунии поквиҷдонона тавассути идоракунии хавфҳо» муҳимияти баландбардории идоракуниро тавассути идоракунии хавфҳо дар муассисаҳои давлатӣ мефаҳмонад.
Дар ин дастур аз сабаби шумораи зиёди кишварҳои дар INTOSAI ширкаткунанда ягон ишорае ба қонунҳои миллӣ ва қарорҳо вуҷуд надорад.

Ин дастур ба ташкилдиҳии фронти ягонаи мубориза алайҳи коррупсия бо роҳи пешравии самарабахши огоҳии институтсионалӣ, меъёрҳо, сиёсат ва таҷрибаи пешқадам бо баҳисобгирии назардошти вазифа, уҳдадориҳо ва имкониятҳои МОА равона карда шудааст. Он барои МОА баҳри амалисозии фаъолияти олии аудиторӣ бо назардошти меъёрҳои ахлоқӣ ё кодексҳои рафтори ташкилотҳои давлатӣ, инчунин масъулияти иҷтимоии онҳо бо дарки он, ки ҳар як ниҳоди давлатӣ бояд барои идоракунии дороиҳои давлатии худ комилан масъул бошад замина фароҳам меорад.

Ин дастур ҳуҷҷатҳои умумӣ ва заминавиеро, ки ташкилотҳо дар кишварҳои гуногун

метавонанд дар асоси он меъёрҳои хусусиро таҳия намоянд, дар бар мегирад. Дастур санади муфассалеро, ки тартибот ва таҷрибаеро, ки барои баландбардории поквиҷдонӣ, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва идоракунии хуби дороиҳои давлатиро муайян мекунад, дар бар мегирад. Ҳар як МОА бо дарназардошти уҳдадориҳои хусусияш, чорчӯбаҳои ҳуқуқӣ, инчунин муҳтавои фарҳангӣ, барои таҳияи минбаъдаи сиёсати мушаххас оид ба ин масъала ҷавобгариро бар дӯш дорад.

1

ШАРТХОИ АСОСӢ

## ҲИСОБОТДИҲӢ

Ҳисоботдиҳӣ маънои онро дорад, ки шахсҳои алоҳида, агентиҳо ва ташкилотҳо (давлатӣ, хусусӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ) барои иҷроиши уҳдадориҳои худ масъулияти ҷавобгарӣ доранд. Вобаста ба ин муайянсозии васеи ба назар гирифтани ду консепсия муҳим аст:

- Ҳисоботдиҳӣ - ин равандест, ки дар он мақомоти хадамоти давлатӣ ва шахсони алоҳидаи дар ҳайати онҳобуда, барои қарорҳо ва амалҳои худ, аз он ҷумла барои идоракунии воситаҳои давлатӣ ва тамоми ҷанбаҳои самаранокӣ ва риояи қонунҳои қабулшаванда ва санадҳои меъёрӣ дар қисмати идоракунии давлатии воситаҳо ва дастовардҳо ҷавобгар ҳастанд .
- Ҳисоботдиҳӣ – ин уҳдадории санҷишгари шахси воқеӣ ёки юридикӣ ба шумор меравад, он ншон медиҳад ки воситаҳои ба ӯ боваршударо дар мутобиқат ба он шароитҳое, ки ин воситаҳо пешниҳод гашта буданд, ӯ идора ё назорат намудааст. [4]

Вобаста ба идоракунии дороиҳои давлатӣ, ҳисоботдиҳӣ метавонад ҳамчун уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие (бо назардошти муассисаҳои давлатӣ ва корпоратсияҳо), ки барои захираҳои давлатӣ, уҳдадориҳои молиявӣ, идоракунӣ ва барномавии бар дӯшашон вобастакардашуда ҷудо карда шудаанд, ҷавобгарӣ муайян карда шавад ва барои он нафароне, ки ин уҳдадориҳоро бар дӯшашон гузоштаанд, ҳисобот диҳанд. Амалан дар мутобиқат бо Дастур оид ба мубориза бар зидди коррупсия соли 2009, аз ҷониби Transparency International бо забони содда се шакли ҷавобгарӣ таҳия гардидааст: диагоналӣ, уфуқӣ ва амудӣ. [4]

- Ҳисоботдиҳии диагоналӣ – ин ҳангоме ки шаҳрвандон муассисаҳои давлатиро истифода мебаранд, токи имконияти хубтареро барои назорат намудан аз болои

фаъолияти давлат ба даст оранд ва дар ин раванд дар таҳияи сиёсати ташкил додани буҷа, пайгирӣ намудани хароҷотҳо ва дигар намуди фаъолият иштирок намоянд.

Ҳисоботи уфуқӣ шахсони мансабдор ё дигар мақомоти ҳукуматиро ба ҳабс ва назорат дучор мекунад, (масалан, БДА, судҳо, омбудсменҳо, бонкҳои марказӣ) яъне метавонанд шахси мансабдорро барои рафтори номатлуб пурсанд ва дар ниҳоят ҷазо диҳанд.

- Ҳисоботи вертикалӣ ҳисоботдиҳии шахси масъули давлатиро дар назди интихобкунандагон ёки шаҳрвандон тавассути интихобот, матбуоти озод, ҷамъиятҳои фаъоли шаҳрвандӣ ва дигар шабакаҳои аналогӣ пешбинӣ менамояд.

Дар ин матн МОА дар низоми горизонталӣ, ки ба аудити фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ва муассисаҳо, ки барои идоракунии дороиҳои давлатӣ уҳдадоранд равона гаштаанд, механизми калидӣ ба шумор меравад.

**ДОРОИҲО**

Истилоҳи «дороиҳо» ба дилхоҳ манбаи арзиши иқтисодидошта, ки ба шахси воқеӣ ёки ҳуқуқӣ вобаста мебошад, мансуб аст. «Дороиҳо – ин захираҳое мебошанд, ки аз ҷониби ташкилот дар натиҷаи ҳодисаҳои гузашта назорат карда шуда, аз онҳо манфиатҳои минбаъдаи иқтисодӣ ёки захираи хизматрасониҳо интизор меравад».[5] Дороиҳо метавонанд шаклҳои гуногунро қабул намоянд: молиявӣ, моддӣ ёки ғайримоддӣ. Дороиҳо кадом шаклеро, ки қабул надошта бошанд, одатан дар онҳо ду хусусияти роҳнамоӣ вуҷуд дорад, ки дороиҳоро муайян мекунад: он (дар шакли манфиатҳои иқтисодии оянда ё иқтидори хидматрасонӣ) дар тӯли истифодабарии муфид ва ин нерӯ, ки дар натиҷаи рӯйдодҳои гузашта муассисаро назорат мекунад арзиш хоҳад дошт. Баъзе дороиҳо, ба монанди маълумот, наметавонанд арзишҳои иқтисодӣ дошта бошанд, аммо метавонанд барои ҳимояи муносиби (барои мисол, маълумоти давлатии махфӣ) онҳо моҳияти муҳимтарин дошта бошанд.

---

3 *Дастурот оид ба мубориза бар зидди коррупсия бо забони содда, Transparency International с. 2009. Бинед. Инчунин: Муассисавӣ кунонидани ҳисоботдиҳии уфуқӣ: чи гуна демократияҳо метавонанд алайҳи коррупсия ва сӯиистифодабарии ҳокимият, Хазинаи миллӣ барои демократия мубориза баранд.*

4 *IPSAS 1 – Пешниҳодсозии ҳисоботдиҳии молиявӣ, ки аз тарафи Шӯро оид ба меъёрҳои байналмилалии ҳисоботдиҳии молиявӣ (IASB) ба нашр расонида шудааст.*

Таркиби баҳогузории дорои(ҳо)и ташкилот барои дастрас намудани маълумот дар бораи истеҳсолнамоӣ, ба монанди истифодабарӣ ва фаъолияти дороиҳо равона шудаанд. Қарорҳои аз ҷониби шахсон қабулгашта баъд аз натиҷаҳои ташхис, дар стратегияи идоракунии дороиҳои ташкилот ба назар гирифта мешаванд.

Тамоми дороиҳо дар ҳисобот оид ба низомномаи молиявии муассиса муайян карда мешаванд, аз он ҷумла дар он мавридҳое, ки эҳтимолияти аз ҷониби муассиса гирифтани манфиатҳои минбаъдаи иқтисодӣ ёки нерӯи потенсиалии хизматрасонӣ вуҷуд дорад. Дар баробари ҳисобот тариқи усули гузаронидан, дороиҳо дорои арзише мебошанд, ки мумкин аст онро боэътимодона санҷид.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, дороиҳои давлатӣ инчунин дороиҳои молиявӣ, воқеӣ ва ҳатто ғайримоддӣ ба шумор меравaнд, ки аз онҳо манфиатҳои минбаъдаи иқтисодӣ интизор меравад. Аммо рӯзмарра будани онҳо нисбат ба дороиҳои хусусӣ дигаргуна аст. Ин ба он вобаста аст, ки идоракунии дороиҳои давлатӣ аз тарафҳои ҳуқуқӣ ( Муниципиалӣ, давлатӣ, музофотӣ ёки ҷониби федералӣ ) инчунин умедвориҳои шаҳрвандон иборат мебошад. Дороиҳои ҷамъиятӣ ба таври мушаххас мафҳуми манфиати ҷамъиятиро ба худ ҷалб менамоянд.

**ФАСОД**

Аз рӯи маълумотҳои СММ муайянсозии ягонаи умумиқабулшудаи коррупсия вуҷуд надорад. Барои мисол, Конвенсияи Ташкилотҳои Миллали Муттаҳид алайҳи коррупсия муайянсозии ягонаи коррупсияро дарбар намегирад, аммо якчанд намуд ёки санадҳои коррупсияро муайян менамояд. Бонки ҷаҳонӣ коррупсияро ҳамчун сӯистифодабарандаи воситаҳои давлатӣ ёки ҳолатҳои хизматӣ, барои гирифтани манфиати хусусӣ ёки сиёсӣ муайян менамояд. [7]

Коррупция – ин нисбат ба идоракунӣ, мафҳуми бисёр маҳдуд аст, ҳарчанд ки, онро бештари маврид ҳамчун сӯиистифода намудан аз ҳокимияти давлатӣ ёки боварӣ барои гирифтани манфиатҳои хусусӣ муайян менамоянд. Ин ду консепсия бо ҳам зич алоқаманд мебошанд: он ҷое ки идоракунии бад мавҷуд аст, ҳавасмандии бештар ва имконияти зиёд барои коррупсия вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, беҳтар гардонидани идоракунии хуб, барои мубориза бар зидди коррупсия кумак мерасонад. Он ҳамчунин тамоми нерӯи барои муборизаи бевосита алайҳи коррупсия равонашуда, ба монанди маълумотноккунонии ҷамъиятӣ ва пурқувватнамоии қабули қонунҳои зиддикоррупсиониро пурқувваттар мегардонад.[8]

[8] *Маҷмӯи олотҳои Созмони Миллали Мутаҳҳид оид ба мбуориза алайҳи фасод, нашри 3-ум, ЮНОДК, соли 2004, дарстрас дар сомонаи; [9]www.undoc.org/documents/ Corporpation/publications_tooklit_sep04.pdf, стр. 10 [доступ: 03.08.2015]. http://www1.worldbank.org/publicsector/anticorrupt/corruptn/cor02.htm [ дастрасӣ аз соли 03.08.2015].*

[10] *З. Добровольский, Эътимод, фасод ва қаллобӣ, Б. Кожух, З. Добровольский (таҳриршуда.), Ташкили ~~эътимоди мардум~~. Перспективаҳои ташкилишаванда, Peter Lang GmbH, Франкфурт-на-Майне, соли 2014 саҳифаи 120.*

- **ҚАЛЛОБӢ**

ҚАЛЛОБӢ[9] – ин аз амали дидаву донистаи як ё якчанд нафарони иборат аз ҳайати роҳбарикунандае ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгаранд, кормандон ва шахсони сеюм, бо роҳи истифодабарии фиреб барои азхуд намудани амволи ноҳақ ва ғайриқонунӣ мебошад. Омилҳои хавфи қаллобӣ – ин ҳодисаҳо ё шароитҳое мебошанд, ки барои бамиёноварӣ ва фишороварӣ бо мақсади амалӣ намудани қаллобӣ ёки барои пиёда намудани амалҳои қаллобӣ имкон фароҳам меоранд.

**ИДОРАКУНИИ ХУБ**

Мутобиқ ба ОЭСР, идоракунӣ – ин амалӣ намудани ҳокимияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ мебошад, ки барои идора намудани корҳои давлатӣ зарур аст. [10] Идоракунӣ раванди қабули қарорҳо ва амалисозии онҳоро дар бар мегирад. Идоракунӣ амалинамоии уҳдадориҳоро бо мақсади таъминсозии он, ки субекти идорашаванда (маъмулан ташкилот) ба ҳадафҳои худ ноил гардад, дар бар мегирад.

Идоракунии хубро метавон ҳамчун амалисозии ҳокимият ёки вазифаҳо, ба монанди сиёсӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ёки ғайра, бо мақсади идоракунии захираҳо ёки дигар корҳои кишвар дар асоси адолат, баробарҳуқуқӣ, шаффофӣ, этикӣ ва ғайридискриминатсионӣ муайян намуд. Он, механизми ҷараён ва институтҳоро, ки бо кумаки онҳо шаҳрвандон ва гуруҳҳо метавонанд манфиатҳои худро ошкор созанд, вазифаҳои худро иҷро намоянд ва гуногунандешии худро баррасӣ созанд, дар бар мегирад. [11]

Идоракунии хуб бо тасриф (парадигма)-и мазкур шарҳ дода мешавад: бахши давлатӣ, махсусан идоракунии давлатӣ, он қисми муҳими ҷамъиятӣ, ки бо ҷонибҳои манфиатбари ҷомеа ҳамкорӣ менамояд, тавассути равандҳои мутобиқаткунандаи иштирок, бо ошкорсозии маълумот ва шаффофият, баробарӣ, мавҷуд набудани дискриминатсия дар истифодабарии хизматрасониҳои давлатӣ ва ҳисоботдиҳии ашхоси қарорқабулкунанда тавсиф карда мешавад.

Муҳиммияти ин консепсия аз ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар муҳити ҷории идоракунӣ ва дар амалисозии манфиатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳимро мебозанд вобаста мебошад. Идоракунии давлатӣ аз ҷониби андозсупорандагон сармоягузорӣ мешавад ва ба ҳокимияти конститутсионӣ пурранамоии муҳим ба шумор меравад, ҳарчанд ки он функсияҳои ёрирасони ин мақомотро дастгирӣ менамояд, ба онҳо хидматгузорӣ мекунад, дар амалисозии ҳокимияти иҷроия иштирок мекунад ва мушкилоти иумумии ҷамъиятиро ҳал менамояд. Баҳогузории ҷамъиятии ҳукуматӣ на танҳо ба барномаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки ба шаҳрвандон пешниҳод карда мешавад, балки ба он ки чи гуна мақомотҳои давлатӣ вазифаҳои худро иҷро менамоянд, мутамарказ гардонида шудааст.[12] Ҳамчунин идоракунии давлатӣ бояд дар фаъолияти худ самарабахш бошад, чунки лаёқати он ба таври натиҷабахш ҳал намудани мушкилоти мушаххаси иҷтимоиро фарогир мебошад. Ин самарабахшӣ метавонад аз ҳисоби гузариш аз муносибати қатъӣ нисбати ҳал намудани мушкилот ба якҷоя кардани тарафҳои манфиатбари гуногун дар раванди ташаббускорӣ

ва иҷроиши вазифаҳо, инчунин дар ҷараёни баҳогузории таъсирбахши онҳо ба даст оварда шавад.

Идоракунии самаранок талаб мекунад, ки муносибат бо шаҳрвандон танҳо ҳамчун интихобкунандагон ва истеъмолкунандагони хадамоти давлатӣ гузарад. Муносибат ба онҳо ба унвони ҳаммуаллиф ва ҳаммуаллифи манфиатҳои ҷамъиятӣ моҳияти идоракунии хуб аст. [13] Ҳамин тариқ, консепсияи идоракунии хуб аз доираи мафҳуми анъанавии ҳукумат берун баромада, ба муносибати байни роҳбарон, мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон, бо назардошти матбуот, аз ҷумла ба равандҳое, ки тавассути онҳо қарор қабул ва амалӣ мекунанд, равона карда шудааст.

Идоракунии хуб дар самти идоракунии давлатӣ ҳамчун иштироки муштарак, ҳисоботдиҳанда, шаффоф, таъсирбахш, мутамарказонидашуда ба ризоият, ҷавобгӯ ва фарогир, риояи волоияти қонун ва кам кардани имкониятҳои коррупсия тавсиф карда мешавад.[14] Аз ин рӯ, он ба таври бомуваффақият идоракунии захираҳо ва корҳои кишварро ба таври шаффоф, ҳисоботдиҳанда, боадолатона ва бо назардошти талаботи мардум пешбинӣ мекунад.[15] Пас, ҳамаи ин ба идоракунии хуб, фаъолияти хуб, истифодаи оқилонаи пулҳои давлатӣ, иштироки хуби ҷамъият ва дар ниҳоят, ба натиҷаҳои хуб оварда мерасонад.[16] Он кафолат медиҳад, ки коррупсия то ҳадди имкон кам карда шавад, овозҳои ақаллиятҳо ба назар гирифта шаванд ва ҳангоми қабули қарорҳо садои осебпазиртарин дар ҷомеа шунида шавад. Он инчунин ба ниёзҳои ҳозира ва ояндаи ҷомеа посух медиҳад.[17]

Дар ин марҳила бояд принсипҳои асосии18 идоракунии хуб баррасӣ карда шаванд, ки иборатанд аз: ҳисоботдиҳӣ, мутобиқат, мутамарказонидашуда ба ризоият, самаранокӣ, адолат ва фарогирӣ, иштирок, чолокӣ, волоияти қонун ва ошкорбаёнӣ.[19]

a) Ҳисоботдиҳӣ - тавре ки қаблан гуфта шуда буд, аз масъулияти институтҳои алоҳида оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ, ки ба механизмҳои мукаммал ва муассири демократӣ ва арзёбии холисонаи фаъолият, ки барои самаранокӣ ва иқтисодиёт имкон медиҳанд, иборат аст. Ин инчунин маънои тақсимоти мушаххаси салоҳият ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ, дар идоракунии дороиҳои ҷамъиятиро дорад.

b) Мутобиқатӣ - идоракунии ҳамгироии сиёсатҳои мухталифи давлатӣ, инчунин сатҳҳои гуногуни мақомоти давлатӣ (дар доираи идоракунии низоми гуногунсамта), мутобиқати хавфҳои онҳо, ки сохтани механизмҳои ҳамоҳангиро талаб мекунанд.[20]

c) Самтгирии ризоият - дар ҷомеаи мазкур якчанд шахсҳои фаъол ва нуқтаи назари гуногун мавҷуд мебошад. Идоракунии хуб дар ҷомеа миёнаравии манфиатҳои мухталифро то ба ризоияти васеъ дар бораи он, ки манфиати тамоми ҷомеа чӣ гуна аст ва чӣ онро чӣ тавр ба даст овардан мумкин аст, талаб мекунад. Он инчунин назари васеъ ва дарозмуддатро дар бораи он, ки барои рушди устувори инсоният чӣ зарур аст ва чӣ гуна ба ҳадафҳои чунин рушд ноил шудан имкон дорад талаб менамояд. Ин метавонад натиҷаи фаҳмиши заминаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеаи муаяйн ё тамоми ҷомеа бошад.

d) Самаранокӣ ва натиҷабахшӣ - идоракунии хуб маънои онро дорад, ки равандҳо ва муассисаҳо натиҷаҳое ба даст меоранд, ки ба ниёзҳои ҷомеа ҷавобгӯ бошанд ва ҳамзамон аз захираҳои дар ихтиёрдошта самаранок истифода баранд. Консепсияи самаранокӣ дар заминаи идоракунии самарабахш истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити атрофро низ дар бар мегирад. Дар дигар минтақаҳо низ унсурҳои калидии идоракунии самаранок муайян карда мешаванд.

---

*Идоракунии Аврупоӣ, Китофи сафед, Комиссияи Ҷамъияти Брюссели соли 2001.*

Аз нуқтаи назари ташкилоти инфиродии ҷамъиятӣ, принсипҳои дигари идоракунии самаранок иборатанд аз: диққат додан ба ҳадафҳо ва натиҷаҳои ташкилот; иҷрои самараноки нақшҳо ва масъулияти дақиқ муайяншуда; ташвиқ ва татбиқи арзишҳои идоракунии хуб барои тамоми ташкилот; дастрасӣ ва истифодаи иттилооти баландсифат, маслиҳат ва дастгирии холисона, таъмини шаффофияти раванди қабули қарорҳо ва низоми муассири идоракунии хавфҳо; кафолат додани он, ки роҳбарияти олии малакат, дониш ва таҷрибаи зарурӣ барои иҷрои фаъолияти хуб ва инчунин баҳогузорӣ намудан ва таҳлил кардани фаъолияти роҳбарияти инфиродии олӣ ва ҳам гурӯҳ инчунин самаранок будани ҳисоботдиҳиро дошта бошад.
*Нигаред, маслан: Идоракунии самаранок. Принспҳои татбиқшавандаи роҳбарӣ, Ҳамкориҳои Австралия, соли 2000.*

Ин принсип беҳтарсозии иқтидори маъмурӣ (иқтидори давлатӣ) барои иҷрои бемонеаи ҳадафҳои сиёсати давлатиро дар назар дорад. Меъёри идоракунии хуб ду қоидаҳои иловагиро дар бар мегирад:

- принсипи мутаносибӣ, ки пешбинӣ менамояд татбиқи сиёсати давлатӣ бояд ба ҳадафҳо муносиб бошад ва аз ин рӯ, ба тариқи оптималӣ сурат гирад;
- принсипи субсидия, ки мувофиқи он фаъолияти зинаҳои болоии ҳукумат дар муқоиса бо фаъолияте, ки дар зинаҳои поёнии ҳукумат иҷро мешаванд, дуюмдараҷа аст.

e) Адолат ва фарогирӣ - Беҳбудии ҷомеа аз он вобаста аст, ки ҳамаи аъзоёни он ҳис кунанд, ки онҳо ба он манфиатдоранд ва худро аз ҷараёни асосии ҷомеа хориҷшуда эҳсос накунанд.

f) Ин талаб мекунад, ки тамоми гурӯҳҳои ҷомеа, бахусус осебпазиртарини он, имконият дошта бошанд, ки некӯаҳволии худро беҳтар созанд ё нигоҳ доранд. Мафҳуми баробарии давлат ва ҷонибҳои манфиатдор дар татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ тавзеҳотро талаб мекунад. Муқаррароти меъёрӣ масъулиятро барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ маҳдуд мекунад. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ масъуланд, ки чунин вазифаҳоро барои тамоми шаҳрвандон иҷро кунанд. Вазифаҳое, ки аз ҷониби дигар тарафҳои манфиатдор, аз қабили ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ иҷро мешаванд, метавонанд ба гурӯҳҳои мушаххас равона карда шаванд ва ҳатмӣ набошанд. Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ масъули дастгирии фаъолияти ҷонибҳои манфиатдор дар расонидани хидматрасониҳои давлатӣ, инчунин назорат ва баҳогузории иҷрои ин вазифаҳо мебошанд.

g) Ошкорбаёнӣ - муассисаҳои давлатӣ бояд шаффоф бошанд, ин маънои онро дорад, ки ҷомеа бояд ба иттилоот дар бораи фаъолияти худ дастрасии васеътар дошта бошад.

h) Иштирок - ҷалби ҷомеа ба кори мақомоти давлатӣ дар ҳама сатҳҳо (шарикии бисёрсатҳа) ва дар ҳама марҳилаҳои асосии татбиқи сиёсати давлатӣ (яъне ҳангоми барномарезӣ, татбиқ ва мониторинг. Бояд аҳамияти иштироки созмонҳои ғайриҳукуматӣ (ба истилоҳ муколамаи шаҳрвандӣ) ва намояндагони корфармоён ва иттифоқҳои касаба (муколамаи иҷтимоӣ) таъкид карда шавад.

i) Ҷавобгӯӣ - идоракунии хуб аз муассисаҳо ва равандҳо талаб мекунад, ки дар доираи мӯҳлати оқилона ба ҳама ҷонибҳои манфиатдор хидмат кунанд.

j) Волоияти қонун - Идоракунии хуб заминаи одилонаи ҳуқуқиро барои таъмини беғаразона талаб мекунад. Амалисозии беғаразонаи қонунҳо низоми мустақили судӣ ва нерӯи беғараз ва хариданашавандаро талаб мекунад.

k) Дидгоҳи стратегӣ - роҳбарон ва ҷомеа бояд дурнамои васеъ ва дарозмуддат оид ба идоракунии самаранок ва рушди инсонӣ ва ҳамзамон дарки он чизеро, ки барои чунин рушд зарур аст дошта бошанд. Инчунин бояд дарки мураккабиҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, ки ин дидгоҳ бар он асос ёфтааст, вуҷуд дошта бошад.

**ПОКВИҶДОНӢ**

INTOSAI - беайбиро ҳамчун сифат ё ҳолати мавҷудият мутобиқи принсипҳои оқилонаи ахлоқӣ; ростқавлӣ, ростгӯӣ ва самимият; хоҳиши иҷрои рафтори дуруст, амалия ва мувофиқи он амал кардани маҷмӯи арзишҳо ва интизориҳо муайян мекунад.

Истилоҳи беайбӣ метавонад ба накукорӣ, фурӯхтанашавандагӣ ва дахолатнопазир будан мансуб бошад. Ростқавлӣ ба вуҷуд надоштани қаллобӣ ва коррупсия зич алоқаманд аст, инчунин риояи меъёрҳои одобро низ дар назар дорад. Ҳамин тариқ, ин як мафҳуми мусбат ва васеи вобаста ба ахлоқ ва фарҳанг мебошад.
Дар сатҳи институтсионалӣ бошад, ростқавлиро дар панҷ замина фарқ кардан мумкин аст:

• Ҳамчун масъули созмони ҷамъиятӣ барои шаффофият.

• Ҳамчун шарти пешакии ҳокимияти давлатӣ ва эътимоди мардум.

• Ҳамчун масъулияти ахлоқӣ, на танҳо ҳамчун қонун ё дастур.

• Ҳамчун пешгирикунанда, на танҳо як чораи саркӯбкунӣ, ки ба сиёсати институтсионалӣ дохил карда шудааст.

• Ҳамчун ӯҳдадории доимӣ, ки мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор бояд иҷро намоянд.

5 Дастурамал оид худбаҳодиҳии баинсофогна, Суди Ҳисоби *Нидерландия, саҳифаҳои 9–10, соли 2011.*

## ШӮСТАШАВИИ ПУЛ

Дар таърифи шусташавии пул, ки аз ҷониби Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ қабул шудааст, гуфта мешавад:

- табдил додан ё супоридани молу мулк, бо донистани он, ки ин амвол дар натиҷаи ҳама гуна қонуншиканиҳо ё ҳуқуқвайронкуниҳо (гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир) ё дар натиҷаи иштирок дар чунин ҷиноятҳо ё ҷиноятҳои содиршуда ба даст оварда шудааст, бо мақсади махфӣ кардан ё пинҳон кардани пайдоиши ғайриқонунии амвол ё расонидани кӯмак ба дилхоҳ шахс, ки дар содир намудани чунин ҷиноят ё ҳуқуқвайронкуниҳо даст дорад, саркашӣ кардан аз оқибатҳои ҳуқуқии амалҳои худ иштирок кардаанд;
- Пинҳон кардани табиати аслӣ, манбаъ, маҳалли ҷойгиршавӣ, ҳаракат, ҳуқуқ ба моликият ё моликият ба амвол, бо донистани он, ки ин амвол дар натиҷаи ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунӣ ё дар натиҷаи иштирок дар чунин ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунӣ ба даст оварда шудааст.[22]

Гурӯҳи кории амалии молиявӣ оид ба мубориза бар зидди пулшӯӣ (FATF), ки ҳамчун таҳиягари меъёрҳои байналмилалии мубориза бар зидди пулшӯӣ эътироф шудааст (AML), ба таври мухтасар пулшӯиро ҳамчун "коркарди [...] даромадҳои ҷиноятӣ барои пинҳон кардани пайдоиши ғайриқонунии онҳо" бо мақсади "қонунигардонии" даромадҳои ҷиноятӣ муайян мекунад.[23] Аммо, дар 40 тавсияи он оид ба мубориза бо шӯстани пул ФАТФ ба таври мушаххас таърифи техникӣ ва қонунии Конвенсияи Венаро дар бораи шустани пул дар бар мегирад ва ба ин таъриф тавсия медиҳад, ки ҳамаи ҷиноятҳои вазнинро фаро гирад.

## ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО

Низоми идоракунии хавфҳо қисми ҷудонашавандаи равиши менеҷмент барои расидан ба ҳадафҳои тиҷоратӣ буда, раванди мунтазамест, ки барои муайян, арзёбӣ, коркард, идоракунӣ ва иртиботи хавфҳо пешбинӣ шудааст.

Ин як раванди муназзами фаҳмиш, баҳодиҳӣ ва бартарафсозии ин хавфҳо барои афзоиши ҳадди аксари имкониятҳо баҳри расидан ба ҳадафҳо ва таъмини устувории ташкилотҳо, шахсони алоҳида ва ҷомеаҳо мебошад. Идоракунии хавфҳо инчунин аз имкониятҳое, ки номуайянӣ фароҳам оварда метавонад, истифода мебарад ва ба ташкилотҳо имкон медиҳад, ки дар бораи имкониятҳои нав маълумот гиранд. Аслан, идоракунии самараноки хавфҳо дониши огоҳонаи хавфҳои марбута, арзёбии афзалияти нисбии онҳо ва муносибати қатъӣ ба мониторинг ва назорати онҳоро талаб мекунад.24 Барои самаранок будан, идоракунии хавфҳо бояд ба ҳаҷм ва хусусияти ташкилот муносиб бошад.

---

6 Vienna Convention, http://www1.worldbank.org/finance/assets/images/01-chap01-f.qxd.pdf [access: 03.08.2015].

7 FATF Forty Recommendations, The Financial Action Task Force (FATF), 2003.

Идоракунии хавфи корхона (ERM) ба муносибати умумии ташкилот оид ба идоракунии хавфҳо бо истифода аз сохторҳо ва равандҳои мушаххас мансуб мебошад. Идоракунии хавфҳо бояд дар идоракунии умумии ташкилот ҷойгир карда шуда, бо дигар функсияҳои тиҷорӣ, ба монанди молия, стратегия, назорати дохилӣ, харид, банақшагирии муттасилӣ, захираҳои инсонӣ (HR) ва мутобиқат пурра муттаҳид карда шавад. Дараҷаи ҳамгироӣ байни ташкилотҳо вобаста ба фарҳанг, раванди татбиқ, тарзи кор ва муҳити беруна фарқ хоҳад кард. [25]

## БАҲОГУЗОРИИ ХАВФҲО

Ҳар як ташкилот бо хавфҳои гуногун аз манбаъҳои беруна ва дохилӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки бояд ҳатман баҳогузорӣ карда шаванд. Шарти пешакии арзёбии хавф муайян кардани ҳадафҳо ва худи арзёбии хавфҳо бошад, муайян ва таҳлили хавфҳои алоқаманд ба ин ҳадафҳои ноилшуда мебошад. Баҳогузории хавф шарти ҳатмии муайян кардани тарзи идоракунии хавфҳо мебошад. Хавфҳо аз ҷиҳати эҳтимолият ва таъсир ҳамчун асос барои муайян кардани тарзи идоракунии онҳо таҳлил карда мешаванд. Хавфҳо ба таври хос ва боқимонда баҳогузорӣ карда мешаванд. Аслан, идоракунии самараноки хавфҳо дониши огоҳонаи хавфҳои дахлдор, арзёбии афзалияти нисбии онҳо ва муносибати қатъӣ ба мониторинг ва назорати онҳоро талаб мекунад. [25]

Тибқи модели COSO, принсипҳои арзёбии хавф чунинад:

Принсипи 6. Ташкилот ҳадафҳоро бо возеҳияти кофӣ барои муайян ва арзёбии хавфҳои марбут ба ҳадафҳо муайян менамояд.

---

8 *Донишкадаи хавфи менеҷмент. Балобарии самаранокӣ дар идоракунии хавфҳо https://www.theirm.org/about/risk- management / [дастрасӣ: 03.08.2015].*

9 *Назорати дохилӣ – интегратсияи низом, Комитаи маблағузории Комиссияи Тредуэя (COSO), соли 2013, ва дастурамали GUID 5270 оид ба аудити пешгирии фасод (коррупсия), банди 2.4 «Арзёбии хавфҳо ва таҳлили хафҳо (идоракунии хавфҳо)», январи соли 2015.*

Принсипи 7. Ташкилот хавфҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ дар доираи ташкилот муайян мекунад ва хавфҳоро ҳамчун асос барои муайян кардани тарзи идоракунии хавфҳо таҳлил мекунад.

Принсипи 8. Ташкилот баҳри ноил шудан ба ҳадафҳояш баҳодиҳии қаллобиро баррасӣ мекунад.

Принсипи 9. Ташкилот он тағиротеро, ки метавонад ба низоми назорати дохилӣ таъсири назаррас расонад, муайян ва арзёбӣ мекунад.

## САҲҲОМ

Ҷонибҳои манфиатдор дар идоракунии стратегии шахсон ё муассисаҳое мебошанд, ки фаъолияташон метавонад ба муваффақияти ширкат, ташкилот ва лоиҳа таъсир расонанд ё инки мумкин аст, таъсир расонанд.[26] Ба он соҳибони ширкатҳо, кормандон, муштариён, ҷамоаҳои маҳаллӣ ва дигарон дохил мешаванд.

Ҷонибҳои манфиатдори идоракунии лоиҳа шахсоне мебошанд, ки бевосита дар лоиҳа иштирок намекунанд, аммо аз муваффақият ё нокомии он хеле манфиатдоранд, зеро натиҷаҳо барои онҳо муҳиманд. Аз ин сабаб, ҷонибҳои манфиатдор (ва фикру мулоҳизаҳои онҳо) бояд аз ҷониби роҳбари лоиҳа ва сарпараст ба назар гирифта шаванд. Дар мафҳуми васеътар, истилоҳи ҷонибҳои манфиатдор ҳамаи ашхос, шуъбаҳо ва муассисаҳоро дар бар мегирад, ки ба анҷоми лоиҳа ё набудани он манфиатдоранд.

## ШАФФОФИЯТ

Шаффофиятро метавон ҳамчун хусусияти ҳукуматҳо, ширкатҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шахсони алоҳида муайян кард, ки иттилоот, қоидаҳо, нақшаҳо, равандҳо ва амалҳоро ба таври возеҳ ифшо мекунанд. Умуман, шахсони мансабдори ҳукуматӣ, мансабдорони давлатӣ, менеҷерон ва директорони ширкатҳо ва ташкилотҳо ва шӯрои парасторон вазифадоранд, ки ба таври шаффоф, пешгӯишаванда ва фаҳмо амал кунанд, то иштирок ва ҳисоботдиҳиро мусоидат кунанд.
[27]

10 *Добровольски З. «Боварӣ, фасод ва қаллобӣ»*

11 *Дастурамали зидди фасод бо забони соддаву осон, Transparency International 2009.*

# 2

НАҚШ ва масъулияти ҷонибҳои манфиатдор дар такмили идоракунии самараноки дороиҳои давлатӣ

**ҚОНУНҲО ВА ТАНЗИМКУНАНДАГОН**

Мақомоти қонунгузор ва танзимгарон барои муқаррар кардани қоидаҳо ва дастурҳо барои фаъолияти ташкилот масъуланд. Онҳо бояд барои иҷроиши уҳдадориҳои ҷамъиятӣ мутобиқ ба принсипҳои идоракунии хуб бо роҳи таъминсозии сифати қонунҳо мусоидат намоянд. Қонунгузорон ва танзимгарон метавонанд аз кумитаҳои доимии суратҳисобҳои ҷамъиятии парлумонӣ ё кумитаҳои шабеҳ истифода баранд, то корҳои аудитории марбут ба фасод ва шустани пулро бо мақсади баланд бардоштани сатҳи идоракунӣ ва ҳисоботдиҳӣ баррасӣ кунанд. Қонунгузорон бояд назоратро тавассути посух додан ба гузоришҳо ба кумитаҳо ва кумитаҳои портфели худ пешниҳод кунанд.

**КУМИТАҲОИ АУДИТ**

Дар баъзе кишварҳо кумитаи мустақил оид ба аудит ёки чунин як кумита дар идоракунии корпоративӣ нақши муҳим мебозад. Кумитаи аудит ҷузъи муҳим дар таъмини беайбии ҳисоботи маҷмӯӣ ва назорати молиявӣ, инчунин муайян ва идоракунии дурусти хавфҳои молиявӣ ва беайбии амалияи ҳисоботӣ мебошад. Аудити дохилӣ бояд ба таври функсионалӣ ба кумитаи аудит ҳисобот диҳад.

## ҲУКУМАТ

Ҳукумат – яке аз иштирокчиёни муҳими идоракунӣ дар бахши давлатӣ ба шумор меравад. Дигар фаъолони марбут ба идоракунӣ вобаста аз сатҳи ҳокимияти ҳукумат фарқ мекунанд. Ҳама фаъолон ба ғайр аз ҳукумат ва низомиён, ҳамчун як қисми "ҷомеаи шаҳрвандӣ" муттаҳид карда шудаанд (ки он метавонад ҳамчун як ҷомеаи шаҳрвандон бо манфиатҳои умумӣ ва амали дастаҷамъӣ алоқаманд бошад).

Ҳукумат кори мақомоти давлатиро равона менамояд ва аз болои он назорат мекунад. Интизор меравад, ки ҳукумат захираҳои давлатиро самаранок, амалан ва сарфакорона истифода мебарад. Он иқтисодиёти миллиро дастгирӣ менамояд, бехатарии дохилӣ ва берунаи давлатӣ инчунин бехатарии молиявӣ ва муносибати иқтисодиро таъмин месозад. Вазифаи ҳукумат – иҷроиши буҷа ва таъминсозии шароитҳо барои рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Ҳукумат ҳамчунин назорат аз рӯи фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимиятро амалӣ менамояд.

Ба ҷуз ин, ҳукумат барои ҳамоҳангсозии кори вазоратҳо ва мақомоти махсуси ҷустуҷӯӣ, қисмҳои ҳарбӣ, инчунин барои таъминсозии бехатарии дохилӣ ва беруна ҷавобгӯ мебошад. Ҳукумат инчунин барои мубориза алайҳи ҷиноятҳои муташаккил ҷавобгӯ аст: мубориза бар зидди коррупсия, шусташавии пулҳо ва дигар намуди қонунвайронкуниҳо. Бо мақсади ҳимояи дороиҳои давлатӣ ҳукумат метавонад мудириятҳои махсус ёки мақомоти масъул барои фаъолиятҳои дар боло зикршуда ҷавобгуро ташкил намояд.

## ШУЪБАҲОИ ИКТИШОФ (РАЗВЕДКА)И МОЛИЯВӢ

**Зерсохторҳои иктишофи молиявӣ** (ЗИМ) марказҳои миллиии ҷамъоварӣ, гирифтан ва дархост намудан (агар иҷозат бошад), ошкорсозии маълумоти молиявӣ, инчунин барои таҳлил ва паҳнсозии маълумотҳои молиявӣ, ки метавонад бо даромадҳои имконпазир аз фаъолияти ҷиноии бо коррупсия алоқаманд вобаста бошад, ба шумор меравад. ЗИМ –и миллӣ бояд тамоюли амалиётҳои молиявии аз ҷониби бонкҳо дар дохили кишвар ва берун аз он гузаронидашударо таҳлил намояд.

12 Муайянкунии ПФР Гуруҳи Эгмонт, соли 1995. (бо таҳрир ва тағйироти соли 2004).

**ЗИМ** бояд мақоми махсусе бошад, ки бо шусташавии пул машғул мебошад. Тавассути таҳлили транзаксияҳои молиявӣ, он бояд инчунин транзаксияҳоеро, ки барои шустани пул гумонбар дониста мешаванд муайян намояд ва имкони муҳосира намудани транзаксияҳои шубҳанок ва суратҳисобҳои бонкии дар нақша истифодашударо дошта бошад.

ЗИМ бояд пайгирӣ ва ташхиси амалиётҳои барои сармоягузории терроризм истифодашударо низ бар ӯҳда дошта бошад. ЗИМ бояд бо ташкилотҳои байналмилалӣ барои пешгирӣ дар гардиши молиявӣ афтодани моликият ёки воситаҳои аз сарчашмаҳои ғайриқонунӣ ва ошкорношуда, бо мақсади расонидани кумак дар пешгирӣ кардани сармоягузории терроризм ҳамкорӣ намояд. Онҳо инчунин бояд барои доир намудани чораҳои алоқаманд ба ин масъала, барои мисол, дарсҳои омӯзишӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои молиявӣ, бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ, муассисаҳои марказии ҳукуматӣ, прокуратура ва дигар муассисаҳо, ки дар бозори молиявӣ фаъолият менамоянд, мусоидат намоянд. ЗИМ бояд бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамкорӣ намоянд, инчунин назорат ва таъминсозии қонунҳо дар бораи иктишофи молиявиро амалӣ намоянд.

## МУАССИСАҲОИ ОЛИИ АУДИТӢ

Мақомоти олии аудит (МОА) иҷроиши уҳдадориҳои давлатиро дар мутобиқат бо принсипҳои идоракунии хуб рушд ва дастгирӣ менамоянд. Баҳогузории фаъолияти ташкилот ҳангоми аудити мувофиқ, аудити молиявӣ ва истеҳсолии МОА гузаронида мешавад. Вобаста аз мандати мушаххаси қонунбарори худ, МОА метавонанд хулосаҳо ва тавсияҳои худро ба ҷонибҳои манфиатдор хабар диҳанд. Дар кори ҳамррӯзаи худ МОА барои мустаҳкамнамоии мақсадҳо, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, инчунин идоракунӣ дар бахши давлатӣ кумак менамоянд. [29]

13 Принсипҳои асосии кори МОА, INTOSAI-P 1 баён шудааст, - Эъломияи Лим, INTOSAI, соли 1977.

## ДИГАР ТАШКИЛОТҲОИ БЕРУНАИ АУДИТӢ

Аудиторони беруна оид ба фаъолияти ташкилот бояд маслиҳат ва тавсияҳо пешниҳод намоянд. Ташкилоти аудити беруна инчунин метавонанд дар аудити низоми назорати дохилии муассисаҳои давлатӣ нақш бозанд. Бештари мақомоти давлатӣ ҳамчунин тавассути аудити беруна санҷида мешаванд. Аудитори беруна бештар тавассути мақоми назоратии ташкилот ва дар назди ӯ ҳисоботдиҳанда таъин мегардад. Аудитори беруна метавонад такмилдиҳии назорати дохилии ташкилотро омӯзад ва пешниҳод кунад.

## ДИГАР ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР

Дигар ҷонибҳои манфиатдори беруна, ба монанди ТҒ (Ташкилотҳо ғайридавлатӣ), ВАО, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғ. Инчунин дар раванди такмили поквиҷдонӣ, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва дигар принсипҳои идоракунии хуби дороиҳои давлатӣ нақши муҳим мебозанд. Онҳо метавонанд дар расидан ба ҳадафҳои ташкилот саҳм гузоранд ё маълумотҳоеро пешниҳод кунанд, ки ҳангоми қабули қарорҳо муфид бошанд. Аммо онҳо барои тарҳрезӣ, татбиқ, истифодаи дуруст, нигоҳдорӣ ё ҳуҷҷатҳои амалиётҳои ташкилот масъул нестанд, вале метавонанд ба ин самтҳо таъсир расонанд.

## АУДИТОРОНИ ДОХИЛӢ

Аудиторони дохилӣ ҷузъи низоми назорати дохилии ташкилоти давлатӣ маҳсуб меёбанд, аммо онҳо барои иҷрои расмиёти мушаххаси назорати дохилӣ дар ташкилоти санҷидашаванда масъул нестанд. Нақши аудиторҳо аз баррасии сиёсат, амалия ва расмиёти назорати дохилии ташкилот иборат мебошад ва ба хотири он ки воситаҳои назорат барои ноил шудан ба рисолати ташкилот мувофиқ бошад, эътимод ба мувофиқати сохтор ва татбиқи самарабахши назорати дохилӣ таъмин карда мешавад. Онҳо меомӯзанд ва саҳми худро дар самаранокии доимии низоми назорати дохилӣ тавассути баҳогузорӣ ва тавсияҳо мегузоранд, аз ҳамин сабаб ҳам дар баҳогузории назорати дохилӣ нақши муҳим доранд. Аммо онҳо барои таҳия, татбиқ, нигоҳдорӣ ва ҳуҷҷатгузории назорати дохилӣ масъулияти асосии идоракунӣ надоранд. Низоми назорати дохилӣ бояд беайбӣ, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва дигар принсипҳои идоракунии дурусти дороиҳои давлатиро таъмин намояд.

## МЕНЕҶЕРОН

Роҳбарон барои ташкил додани муҳити назорати самарабахш дар ташкилотҳои худ масъул мебошанд. Ин як қисми масъулияти онҳо барои истифодабарии захираҳои давлатӣ ба шумор меравад. Дар ҳақиқат, оҳанге, ки менеҷерон тавассути амал, сиёсат ва иртиботи худ муқаррар мекунанд, метавонад боиси фарҳанги назорати мусбат ё манфӣ гардад. Банақшагирӣ, татбиқ, назорат ва мониторинг ҷузъҳои асосии назорати дохилӣ мебошанд. Шумо метавонед ин амалҳоро бо тартиби муқаррарӣ, дар бораи онҳо ҳамчун қисми муҳити назоратии умумӣ фикр накарда, ки ба таъмини ҳисоботдиҳӣ мусоидат менамояд, анҷом диҳед.

Назорати дохилӣ ё назорати идоракунӣ ба кафолати оқилонаи ташкилот мусоидат мекунад, ки ташкилот

- қонунҳо,

қоидаҳо ва дастурҳои идоракуниро риоя мекунад;

- фаъолияти муратгаб, сарфакорона, муассир ва самарабахшро пеш мебарад ва ба натиҷаҳои нақшавӣ ноил мегардад;
- захираҳоро аз коррупсия, қаллобӣ, исрофкорӣ, сӯиистифода ва идоракунии нодуруст муҳофизат мекунад ;
- маҳсулот ва хидматҳои босифатеро пешниҳод мекунанд, ки ба рисолати ташкилот мувофиқат мекунанд;
- инчунин
- маълумоти боэътимоди молиявӣ ва идоракуниро таҳия ва нигоҳ медоранд ва тавассути ҳисоботи саривақтӣ ин маълумотро одилона ифшо мекунанд .

Масъулияти онҳо вобаста аз вазифаҳояшон дар ташкилот ва хусусиятҳои ташкилот фарқ мекунад.

## КОРМАНДОН

Кормандон инчунин дар назорати дохилӣ иштирок менамоянд. Назорати дохилӣ унсури возеҳ ё номуайяни масъулияти ҳар як корманд мебошад. Тамоми кормандон дар амалисозии назорат нақш доранд ва бояд барои гузориш додан оид ба мушкилоти бамиёномада дар кор, риоя накардани қоидаҳои ахлоқ ё қонуншиканиҳои сиёсӣ, ки боиси аз миён рафтани поквиҷдонӣ, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва дигар принсипҳои идоракунии самараноки дороиҳои давлатӣ мешаванд, ҷавобгарӣ дошта бошанд.

# 3

## АРЗЁБИИ МЕЪЁРҲО БАРОИ ИДОРАКУНИИ ХУБИ ДОРОИҲОИ ДАВЛАТӢ

Арзёбии меъёрҳои идоракунии хуби дороиҳои давлатӣ ҷузъи муҳими аудити МОА мебошад, зеро чунин арзёбӣ метавонад ба муайян кардани самаранокии иқтисодӣ ва дигар самаранокии идоракунии дороиҳои давлатӣ кӯмак кунад. Сохтори умумии идоракунии дороиҳои давлатӣ барои баҳогузории беҳтар ба аудиторон кумак менамояд, то муайян намоянд, ки оё фаъолияти дороиҳои давлатӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои ташкилотҳо, инчунин ба талаботи истифодабарандагон мувофиқ ҳастанд ё не. Сохтор меъёрҳоро барои нақши МОА дар рушди идоракунии хуби дороиҳои давлатӣ, инчунин дар масъалаи он ки чи гуна МОА аудитро дар самти дороиҳои давлатӣ ба нақша мегирад ва онро мегузаронад, ба роҳ мемонад.

### АСОСИ ИДОРАКУНИИ ДОРОИҲО

«Принсипҳои идоракунии дороиҳо: [30]

- Қарорҳо оиди ба даст овардан, идоракунии дороиҳо ва ҳалли гардиши давравии ҳаёт дар банақшагирии стратегӣ ва ташкилии корхона муттаҳид карда мешаванд;
- Қарорҳоро оид ба банақшагирии дороиҳо дар асоси арзёбии алтернативаҳо, ки хавфҳо ва фоидаро арзёбӣ менамоянд, принсипи асосии ҳукуматии арзиши пулро дар тамоми давраи зиндагӣ татбиқ мекунад;
- сохтори натиҷабахши назорат аз болои дороиҳо ташкил карда мешавад;
- ухдадорӣ барои ҳолат, истифодабарӣ ва самаранокии дороиҳо ба роҳ монда мешавад; инчунин
- Қарорҳо дар бораи нобудсозӣ дар заминаи таҳлили методҳо, ки имкони ба даст овардани фоидаи софи беҳтарро медиҳанд, асос мeёбанд.

14 Дастур оид ба таҷрибаи пешқадами идоракунии стратегӣ ва оперативии дороиҳои ташкилотҳои бахши давлатӣ: Ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ аз ҳисоби заминаи дороиҳои муассир ва оптималӣ, Дафтари миллии аудитории Австралия, сентябри 2010.

Принсипҳои идоракунии дороиҳо дар таҷриба ва мулоҳизаҳои амалӣ асос ёфтаанд ва инчунин барои идоракунии стратегии дороиҳо ва ҳам барои истифодаи амалии онҳо дар давраи ҳаётии дороиҳо истифода мешаванд.
Қарорҳо оид ба идоракунии дороиҳо аз тарафи муассиса набояд ба таври маҳдуд аз раванди васеи қабули қарорҳо ва идоракунии молиявӣ қабул карда шаванд. Идоракунии дороиҳо дар ташкилот қисми сохтори умумии қабули қарорҳо дар ташкилот, ки сабади дороиҳои онро дар доираи ҳадафҳои стратегии ташкилот муттаҳид менамояд ба шумор меравад. Идоракунии дороиҳо самараноктар аст, вақте ки он бо дастовардҳо ва барномаҳои ташкилот алоқаманд аст.
Шаш давраи ҳаёти (жизненый цикл)-и дороиҳо, ки дар ҷадвали зерин оварда шудааст, барои воридсозии талаботи ташкилот нисбат ба дороиҳо дар ҳуҷҷатгузории васеъ аз рӯи банақшагирии стратегӣ ва корпоративӣ сохторро таъмин менамоянд.

*Ҷадвал: Давраҳои гардиши ҳаётии дороиҳо Этапы жизненного цикла актива*[31]

| Фаъолият | Ҳуҷҷатгузории марбут |
|---|---|
| Банақшагирӣ | Стратегияи идоракунии дороиҳо яке аз элементҳои ҷудонашавандаи банақшагирии корпоративии ташкилот ба шумор меравад ва аз усулҳои гардиши ҳаётӣ асос ёфтааст. Дороиҳо одатан фақат барои дастгирии амалисозии барномаи ташкилот вуҷуд доранд. |
| Буҷасозии сармоя | Нақшаи идоракунии сармоя иқдомот, ҳадаф ва стратегияҳоро, ки дар заминаи идоракунии дороиҳои ҷорӣ ёки ояндаи муассиса хобидаанд, пайванд месозанд. Дар он дурнамои дарозмуддати пешгӯишаванда вогузор карда мешаванд ва муфассалан стратегияи сармоягузории дороиҳо аз буҷа барои ба дастраснамоии дороиҳо инчунин натиҷаҳои молиявии пешгӯишаванда барои ҳисоботдиҳии молиявии ташкилот оварда мешаванд. |
| Гирифтан | Ба сифати ҷузъи стратегияи идоракунии дороиҳо нақшаи дастраснамоӣ асосҳои ба даст овардан ё иваз кардани дороиҳоро муайян мекунад ва ба нақшаи асосӣ дохил мегардад. |

15 *Ibidem.*

| | |
|---|---|
| Баҳисобгирии муҳосибавӣ | Дастури мазкур аз рӯи сиёсат ва муқаррароти идоракунии дороиҳо барои муайянсозии талабот нисбат ба риояи қонунҳои марбута ва меъёрҳои баҳисобгирии муҳосибавӣ муҳим аст. Сохтори самарабахши назорати дохилӣ, ки аз баҳогузории хавфҳо асос ёфтааст, кафолат медиҳад, ки дороиҳо аз нест шудан, зараёбӣ ва азхудсозии ғайриқонунӣ ҳифз шудаанд. |
| Идоракунӣ | Идоракунии дороиҳо дар банақшагирии ташкилӣ ва дурнамои стратегӣ ворид карда шудааст. Нишондиҳандаҳои самарабахшии дороиҳо дар заминаи дороиҳои ғайримолиявӣ истифода мешаванд, чунки ҳолати дороӣ, инчунин дараҷаи зарурӣ ва такрорёбии хизматрасониҳоро муайян намоянд. Меъёрҳои талабшаванда дараҷаи сифатро барои самаранокии оптималии дороиҳо ва идоракунӣ инъикос менамоянд. |
| Нобудсозӣ | Нақшаи нобудсозӣ, сарчашмаҳо ва муҳлати баромадани дороиҳоро муайян мекунад, инчунин стратегияи омпитамилии баромаданро дида мебарояд. Нақшаи нобудсозӣ. |

## СТРАТЕГИЯИ ИДОРАКУНИИ ДОРОИҲО

Дурнамои идоракунии дороиҳо ҳадафҳои стратегиро барои сабади дороиҳо, тариқи нишон додан, ки кадом барномаҳо амалӣ карда мешаванд, усулҳои амалисозии барномаҳо, бо назардошти қарорҳои ғайриалоқаманд бо дороиҳо ва чи гуна дороиҳо ва захираҳо зарур мешавандро ба роҳ мемонад. Дурнамои идоракунии дороиҳо – ин пиёдасозии амалии ҳадафҳои стратегии ташкилот аст ва барои муайянсозии захираи дороиҳоро муайян сохтан, ки бо мақсади дастгирии талабот барои амалисозии барномаҳо кумак менамояд, маҳсуб меёбад. Он аз як қатор нақшаҳо иборат мебошад, ки дар он муфассалан инъикос ёфтааст, ки ташкилот чӣ гуна дороиҳои худро ба таври самаранок ва ба таври фаъол дар тули гардиши ҳаётии ҳар як дороӣ, ёки гурӯҳи дороиҳо барои дастгирии амалисозии барнома истифода мебарад. Дурнамои идоракунии дороиҳо одатан аз таҳия ва амалисозии нақшаҳо оид ба ташкили дороиҳо32, истифодабарӣ, хизматрасонии техникӣ, барқарорсозӣ, ивазнамоӣ, нобудсозӣ ва мониторинги истеҳсолӣ, барои он ки дастоварди дараҷаҳои дилхоҳи амалисозии барнома ва дигар ҳадафҳои амалиётӣ ҳангоми хароҷотҳои оптималӣ кафолат дода шаванд иборат аст.

Дурнамои идоракунии дороиҳо ба ташкилотҳо дар банақшагирии тамоми дороиҳо кумак мерасонад.

---

16 Барои мисол, дар таъминсозии барномавии таҳияи хусусӣ, дороиҳои истеҳсоли худӣ, ошкорсозии дороиҳо, дар ҳисоботдиҳии молиявӣ ва ғ.

Гардиши ҳаётӣ тавассути истифодабарии дороиҳои бо ҳам алоқаманд, ба монанди :

- Қарорҳои нақшавие, ки ба хароҷотҳои истифодашавандаи дарозмуддат таъсир мерасонанд;
- барномаҳои ба таври бад таҳиягашта ва идорашавандаи хизматрасониҳои техникӣ, ки ба банақшагирии ивазсозии дороиҳо пештар аз он ки муайян шуда буданд, оварда мерасонанд; инчунин
- асоси нест намудани дороиҳо, ба монанди сатҳи пасти истифодабарӣ, фаъолиятнокии сифатан бад, ёки ба охиррасии истифодабарии манфиатнок, ки дар раванди васеътари банақшагирӣ истифода бурда мешаванд.

Дурнамои маҷмӯии идоракунии дороиҳо талаботи истеҳсолнокии дороиҳоро муайян месозад, ки муассиса вазифадор карда мешавад, ин дороиҳоро барои ноил гардидан ба талаботҳои худ оид ба амалисозии барномаҳо истифода баранд.

Дурнамои идоракунии дороиҳо одатан самти дарозмуҳлат дорад ва бо нақшаҳои кӯтоҳмуҳлати муфассал, ки одатан нақшаи дастраснамоӣ, нақшаи амалиётҳо, нақшаи хизматрасониҳо ва нақшаи нобудсозиро дар бар мегирад, мустаҳкам мегардад.

### » 3.2.1 НАҚШАИ ДАСТРАСНАМОӢ

Нақшаи дастраснамоӣ ҳуҷҷати калидии дастраснамоии тамоми дороиҳои асосӣ ба шумор меравад ва талаботро нисбат ба татбиқи барнома бо дороиҳои ҳатмӣ алоқаманд месозад. Нақша бевосита дар раванди банақшагирии идоракунии сармоя (БИС) истифода бурда мешавад. Намудҳои дастраснамоии дороиҳо дида баромада мешаванд ва қарор дар бораи дастраснамоии дороиҳо дар доираи раванди идоракунии стратегии сармоя қабул карда мешавад, инчунин барои баҳогузории алтернативаҳо бизнесс- нақшаҳо таҳия карда мешаванд. Нақшаҳои муфассал барои дастраснамоии бузург, гӯё аз нуқтаи назари нарх ва мураккабият тартиб дода шудаанд ва онҳоро метавонанд дар бар гиранд:

- дархост дар бораи муҳимият ва асоси дастраснамоӣ;
- нақш ва вазифаҳои корманд, ки барои идоракунии дастрасгашта муҳим мебошанд;
- амалҳои муҳими дастраснамоӣ, ба монанди идоракунии шартномаҳо, техникӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва идоракунӣ;
- муҳлати дастраснамоӣ ва лаҳзаҳои калидии қабули қарорҳо;
- муҳлат ва ҳаҷми хориҷшавии сармоя ;
- хароҷотҳои муайян барои гардиши ҳаётӣ; инчунин

• мониторинг ва дигар ҷараёнҳои назорат, ба хотири кафолат додани он ки азхудкунӣ мувофиқи таъинот ба вуқуъ мепайвандад.

### » 3.2.2 НАҚШАИ КОР

Нақшаи амалиётӣ нақшаи дастраснамоӣ ва хизматрасонии техникиро пурра месозад ва ҷанбаҳои истифодабарии дороиро дар асоси гардиши ҳаётии он тақсимбандӣ менамояд. Аудити ҳолати дороиҳо ва мониторинги расмии нишондодҳои самаранокии дороиҳо ба ташкилотҳо дар амалисозии захираи дороиҳои худ ва қабули қарорҳо оид ба дороиҳо дар заминаи асосҳои эътимоднок кумак мерасонанд. Дар нақшаи амалиётӣ саҳм ва вазифаҳои менеҷерони барномаҳо ва дороиҳо муайян карда мешаванд, инчунин ҷавобгарӣ барои истеҳсоли дороиҳо ва баҳисобгирии хароҷотҳои гардиши ҳаётӣ бо назардошти : нишондодҳои фаъолнокии дороиҳо, ҳолати дороиҳо, бехатарии воқеӣ ва муҳофизат, амортизатсия, хароҷоти молиявӣ, хароҷоти истифодабаришаванда ба монанди, хароҷот барои қувваи барқ ва тозакунӣ, хароҷот барои кормандон, вақте ки барои истифодабарии дороӣ кормандони махсус талаб карда мешаванд, хароҷот барои хизматрасонии техникӣ ва хароҷотҳои муайян барои нобудсозӣ, ба монанди хароҷот барои ивазнамоии дороиҳо, вайронкунӣ ёки барқарорсозӣ тақсим карда шудаанд.

### » 3.2.3 НАҚШАИ ХИЗМАТРАСОНӢ

Хизматрасонии техникӣ – фаъолияти хеле муҳим дар гардиши ҳаётии дороӣ ба шумор меравад. Хизматрасонии бади техникӣ бештари маврид ба муҳлати хеле кутоҳи истифодабарӣ, нисбат ба он ки дар махсусиятҳои лоиҳавӣ пешбинӣ шуда буд, оварда мерасонад ва метавонад ба аз миён рафтани фаъолият, паст шудани истифодабарӣ, таҳдиди хатарҳо ба бехатарии инсон ёки вайроншавии қонунҳо оварда расонад. Ба ҷуз ин, хизматрасонии техникии сармоявӣ метавонад банақшагирии дарозмуҳлатро талаб намояд, токи дороиҳои хеле муҳим ба муҳлати дароз бекор карда шаванд.

### » 3.2.4 НАҚШАИ НОБУДСОЗӢ

Нақшаи нобудсозӣ бояд қисми ҷудонашавандаи стратегияи идоракунии дороиҳо ба шумор равад, чунки он ба раванди банақшагирии дороиҳои нав ва ивазшаванда оварда мерасонад ва дастгоҳи пурқуввати идоракунӣ ҳангоми баҳогузории он ки барои чӣ истеҳсоли дороиҳои муайян ба таври дилхоҳ ва пешгӯишаванда кор накард, ба шумор меравад.Даромадҳои назаррас метавонанд аз фурӯши дороиҳо ба даст ояд ва онҳо метавонанд ёки ба давлат баргардонида шаванд, ёки барои сармоягузории дастраснамоии дороиҳои минбаъда вобаста ба хусусияти нобудсозӣ ва мувофиқат ба санадҳои меъёрии амалкунанда истифода шаванд.

### НАҚШАИ ИДОРАКУНИИ САРМОЯ

Нақшаи идоракунии сармоя (НИС) – ин ҳуҷҷати бузургҳаҷмест, ки қисми сохтори идоракунии стратегии дороиҳои ташкилот, ки он ҳамчун ташкилот ба қайд гирифта мешавад, метавонад захираҳои худро дар хазинаи дороиҳои худ ва қарорҳои стратегии дороиҳо барои дастгирии амалисозии барномаҳо ҷудо намояд. Ин механизми муҳиме мебошад, ки бо кумаки он идоракунӣ амалан ҳадафҳои стратегии ширкатро дар

муносибати сабади дороиҳо дар сатҳи дороиҳои алоҳида амалӣ менамояд. НИС –ро ҳамчун муносибати тартибдодашуда ва маҷмӯӣ нисбат ба идоракунии дарозмуҳлати сабади дороиҳо, барои ташкили самарабахш ва пешниҳодсозии фаъоли хизматрасониҳо муайян намудан мумкин аст.

НИС метавонад фақат баъди оне ки ташкилот ҳадафҳои стратегии худро барои сабади дороиҳо ба роҳ монад, стратегияи идоракунии дороиҳоро таҳия намояд ва чораҳои мутобиқаткунандаи идоракунии корпоративиро ҷорӣ созад. Барои ҳадафҳои стратегӣ НИС хазинаи маълумотҳоеро муайян менамояд, ки дар он муфассалан ҳамчун таърихи на он қадар дури воқеии транзаксияҳо бо дороиҳо инъикос ёфтаанд, ки чӣ гуна ҳадафҳои стратегӣ дар дурнамои дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуҳлат амалӣ карда мешаванд. Барои имисол, вобаста аз имкониятҳои хусусӣ нақшаи дарозмуҳлат ёки кутоҳмуҳлат метавонад панҷ, даҳ ё ҳатто дар баъзе мавридҳо понздаҳ сол муайян карда шавад.

**Чор қадам дар раванди таҳияи НИС :**

2) Лоиҳасозии сабади дороиҳо. Ҳангоми таҳияи НИС ташкилот бояд рӯйхати дороиҳои худро барои давраи дарозмӯҳлат бо мақсади таҳияи баҳогузориҳои аслӣ тарҳрезӣ намояд.

   Пешгӯиҳоро бо назардошти ҳадафҳои стратегӣ аз нав дида барояд. Баъд баҳогузории заминавии пешгӯишаванда таҳрир карда мешавад, ба хотири он ки ҳадафҳои стратегии ташкилот нисбат ба сабади дороиҳои он дар стратегияи идоракунии дороиҳо инъикос ёфтаанд.

3) Муайян намудани сарчашмаи сармоягузорӣ. Муайян намоед, ки дороиҳои дастрасшуда нав ёки дороиҳои ивазшавандаанд ва оё онҳо бояд сармоягузорӣ шаванд.

4) Кафолати сифат. Ин бо кумаки сармоягузорӣ, таҳлили дороиҳои пурқимат ва санҷиши дурустии баҳогузории беруна амалӣ мегардад.

## РОҲБАРӢ ОИД БА СИЁСАТ ВА РАВАНДҲОИ ИДОРАКУНИИ ДОРОИҲО

Роҳбарӣ оид ба сиёсат ва равандҳои идоракунии дороиҳо (AMG) таҷрибаи пешқадам ва элементи калидии муҳити назорати дохилии ташкилот ба шумор меравад. AMG ба таври амиқ мушаххас менамояд, ки барои бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ, назорат ва ҳифзи дороиҳо дар доираи талаботи мавҷудаи меъёрӣ талаб карда мешавад. AMG метавонад чунон тарҳрезӣ шуда бошад, ки супоришҳои амалии вобаста ба чи гуна амалисозии идоракунии дороиҳоро дода тавонад. AMG инчунин метавонад самти стратегии ширкатро аз ҳисоби натиҷаҳои стратегияи идоракунии дороиҳо ва раванди банақшагирии идоракунии сармоя пурқувват намояд.

Нишонаҳои калидии бештари ташкилотҳо, эҳтимолан дар бар мегиранд:

1) Дастраснамоии фурӯш: равандҳои дастраснамоӣ ва фурӯшро мефаҳмонад ;

2) сабт: муайян менамояд, ки дороӣ, арзишҳои ҳадди аққал ва гуруҳбандии дороиҳо,

синфҳои дороиҳо ва рӯйхати дороиҳоро тартиб медиҳад ;

3) назорат ва идоракунӣ: муайян менамояд, ки дар мутобиқат ба муҳити меъёрӣ талаботҳои амалиётӣ, бо назардошти нақш ва вазифаҳои идоракунии дороиҳо, бехатарии воқеӣ, бақайдгирӣ, мушкилоти хусусӣ ва фоида, зарар, нишондодҳои самарабахшии дороиҳо, аз кор баровардан ва суғуртанамоӣ талаб карда тақсимбандӣ мешавад: инчунин

4) баҳисобгирии муҳосибавӣ: дастур оид ба баҳисобгирии дороиҳоро бо назардошти баҳогузорӣ, бенархкунонӣ, муҳлати истифодабарии фоиданок, азнавсохторӣ, дороиҳои барои нобудсозӣ таъингашта, услуб ва меъёрҳои амортизатсия, инчунин мерос ва дороиҳои фарҳангӣ пешниҳод менамояд. Рӯйхати санҷишии одатан ба AMG воридкунонидашуда, инчунин шарҳҳои минбаъдаи аз рӯи қисматҳои моҳиятнок ва мураккабтар баҳисобгирии дороиҳо.

## РӮЙХАТИ ДОРОИҲО

Рӯйхати дороиҳо як санги асосии чаҳорчӯби идоракунии дороиҳои ташкилотҳо, новобаста аз андозаи портфели дороиҳояшон махсуб меёбад, зеро он маълумоти дороиҳоро нигоҳ медорад, ва сабтҳои таърихии иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявӣ дар тамоми давраи ҳаётии ҳар як дороиҳо бо мақсади банақшагирии онҳо, дар риояи меъёрҳои баҳисобгирӣ ва ҳуқуқӣ, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ мусоидат менамояд.

Рӯйхати дороиҳо калиди муҳиме ба фаҳмиши он, ки кадом дороиҳо аз ҷониби ташкилот назорат мешаванд ва ба он дахл дорад махсуб меёбад ва вобаста аз мураккабияти маълумоти воридгашта метавонад барои муайянсозӣ истифода шавад :

1) ҳолати имконпазири ҷории дороиҳо;

2) ҳангоми зарурати ивазшавии дороиҳо;

3) маълумоти зарурӣ барои риояи меъёрҳои баҳисобгирии муҳосибавӣ ва дигар талаботи меъёрӣ;

4) ҷойгиршавии дороиҳо ва нигоҳдорандагони дороиҳо барои бақайдгирӣ;

5) дараҷа ва такрорёбии барномаҳои хизматрасонии дороиҳо; инчунин

6) хароҷотҳои давраи ҳаётии дороиҳо, дар барномаҳо ва намудҳои фаъолият.

Стратегияи идоракунии дороиҳо, раванди буҷетсозӣ ва нақшаи идоракунии сармоя, тамоми инҳо самараноктаранд, агар маълумоти дақиқ ва муосир дошта бошанд, ки қисми зиёди он аз феҳристи дороиҳо гирифта мешаванд. Талаботи функсионалӣ нисбат ба рӯйхати дороиҳо аз ҳаҷм ва хусусияти фаъолияти муассиса ва сабади дороиҳо вобаста мебошанд ва барои мувофиқат ба ҳадафҳо, яъне таъмин намудани нишондиҳандаҳои иҷро ва ҳисоботдиҳӣ, ки ба шумора ва нақши дороиҳо ва сатҳи фаъолияти идоракунии онҳо дар ташкилот мувофиқат мекунанд, танзим карда мешаванд.[33]

Сохтори идоракунии дороиҳо метавонад ба МОА кумак кунад, ки таҷрибаи пешқадами идоракунии дороиҳои ҷамъиятиро дар аудитҳои худ татбиқ кунад ва ба ин васила ба МОА дар нақши онҳо дар пешбурди идоракунии дороиҳои ҷамъиятӣ кӯмак расонанд. Хусусан [33] идоракунӣ таҳти таҷрибаи пешқадами идоракунии стратегӣ ва фаврии дороиҳои муассисаҳои давлатии бахш: дастовардҳои натиҷаҳои мувофиқашуда аз ҳисоби захираи самарабахш ва оптималии дороиҳо, идоракунии миллии аудитории Австралия, сентябри соли 2010.

17 Better Practice Guide on the Strategic and Operational Management of Assets by Public Sector Entities: Delivering agreed outcomes through an efficient and optimal asset base, Australian National Audit Office, September 2010.

Унсурҳои зерин метавонанд ба МОА дар банақшагирӣ ва гузаронидани аудити идоракунии дороиҳои давлатӣ кумак кунанд:

1) шарҳи сохтори идоракунии дороиҳои ҷамъиятӣ, ки ҳадафҳо, принсипҳо ва унсурҳои асосии ин сохторро, инчунин муносибати онро дар мубориза бо коррупсия ва шусташудани пул тавсиф мекунад;

2) маҷмӯи дастурҳо оид ба нақши МОА дар пешбурди идоракунии самараноки дороиҳои давлатӣ, ки меъёрҳои ҳадди ақаллро ифода мекунанд, инчунин сиёсат ва равандҳои идоракунии дороиҳои давлатӣ ва муносибати онҳо дар мубориза бо коррупсия ва шустани пул; инчунин як қатор воситаҳои амалӣ, ки нишон медиҳанд, чӣ гуна нақши МОА дар пешбурди идоракунии хуби дороиҳои давлатӣ, аз қабили дастурҳои техникӣ, намунаи ҳуҷҷатҳо, қолибҳо ва дастурҳо бояд бо мурури замон таҳия ва такмил дода шаванд, то идоракунии самараноки ҳисоботдиҳандаи сармоя дастгирӣ ёбад.

## АНДОЗАГИРИИ ИСТЕҲСОЛӢ

Низоми идоракунии дороиҳо қисман аз принсипи ҳисоботдиҳии қатъӣ дар доираи раванди фасеҳ ва содда асос ёфтааст. Қисми ҷудонашавандаи ин ҳисоботдиҳӣ андозагирии натиҷаҳоро дар бар мегирад - раванде, ки натиҷаҳои барнома, хизматгузориҳо, лоиҳа ва / ё дороиҳоро дар муқобили ҳадафҳои пешбинишуда чен мекунанд.

Дар сатҳи ташкилӣ, ченкунии нишондиҳандаҳо кумак мекунад кафолат диҳад, ки [34]

- сол ба сол ташкилот дар чорчӯбаи нишондиҳандаҳои молиявии бо сармоя алоқамандро идора мекунад;
- стратегияҳои пешниҳодшуда ва лоиҳаҳо сол ба сол амалӣ мешаванд; инчунин
- Ҳадафҳои умумии идоракунии дороиҳо (барои мисол, синни миёнаи захираҳои асосӣ, коэфисенти истифодабарии имкониятҳои истеҳсолӣ ва нишондодҳои ҳадафноки хароҷот дар хизматрасонии техникӣ) ба даст меоянд.

Дар сатҳи барнома ёки лоиҳа баҳогузории самаранокӣ метавонад барои муайянсозӣ истифода бурда шавад:

---

18 Capital Asset Management Framework Guidelines, British Columbia, May 2002.

- то чӣ андоза дороиҳо ба таври таъсирбахш ҳадафҳои пешниҳодсозии хизматрасониҳоро дастгирӣ менамояд ;
- то чӣ андоза лоиҳаҳо идора мешаванд, аз он ҷумла оё дар мутобиқат ба ҳаҷм, ҷадвал ва буҷет идора мешаванд ва оё ба таври самарабахш идоракунӣ аз болои хавфҳо имконпазир шуд ё на, инчунин оё дороиҳои воқеӣ ба талаботҳои техникии худ ҷавобгӯ ҳастанд.

Дар боби оянда дастур оид ба андозагирии фаъолият дар сатҳи корпоративӣ ва лоиҳа, аз ҷумла меъёрҳои таҳия ва истифодаи нишондиҳандаҳои амалӣ барои дастгирии фарҳанги такмили доимӣ оварда шудааст.

Андозагирии самаранокӣ бояд қисми таркибии низоми ҳисоботдиҳии ҳар як муассисаи давлатӣ бошад. Сохтор бояд нишондиҳандаҳои ибтидоии самаранокиро фаро гирифта, мониторинг, ченкунӣ, баҳодиҳӣ ва аз нав дида баромадани онҳоро ба назар гирад.

1.Нишондиҳандаҳои фаъолият

a. Ҳадафҳои мушаххас :

Ҳадафҳои обективии хизматрасонӣ ёки лоиҳа бояд ба таври мушаххас муайян карда тавонанд, ки агентӣ чиро нақша дорад ба даст орад, андозагирӣ ва баҳогузорӣ намояд инчунин муҳлатҳоро низ.

b. Стратегияҳои амалкунанда барои ноилгардии ҳадафҳо :

Стратегияҳо бояд барои дастгирии барнома, лоиҳа ва ҳадафҳо / вазифаҳои корпоративии агентӣ таҳия карда шаванд. Нақшаҳои мувофиқ бояд ҳадафҳои мушаххас ва ченшаванда ва нишондиҳандаҳои самарабахшро дар бар гиранд.

c. Системаҳои ҳамоҳангшудаи идоракунӣ:

Низоми идоракунии менеҷмент бояд ноил шудан ба ҳадафҳо / вазифаҳоро дастгирӣ кунад. Ваколат, масъулият ва ҳисоботдиҳӣ бояд ба таври возеҳ муайян карда шаванд, то қарорҳо ва амалҳоро шахсони дуруст бадониш, бомалака ва дорои воситаҳои зарурӣ қабул кунанд.

I. Мониторинг, андозагирӣ, баҳогузорӣ ва санҷиш.

a. Андозагирии самаранокӣ ва ҳисоботдиҳӣ :

Иҷро бояд аз рӯи ҳадафҳои корпоративӣ, барнома, лоиҳа ва натиҷаҳои интизоршаванда чен карда шавад ва гузориш дода шавад.

Оқибатҳои воқеӣ :
Агентӣ бояд натиҷаҳои фаъолиятро баҳогузорӣ намояд ва чораҳои мувофиқро бо назардошти аз нав дида баромадан ёки аниқсозии нишондодҳои фаъолият, агар ҳатмӣ бошад, дида бараояд.

АУДИТОРОНИ БЕРУНА, ТАНЗИМГАРОН ВА ДИГАР ТАШКИЛОТҲОИ БЕРУНА

«Аудиторони беруна, мақомоти танзимгар ва дигар ташкилотҳои беруна дар сохтори ташкилот шомил нестанд, аммо онҳо метавонанд дар сохтори умумии идоракунӣ ва назорати ташкилот нақши бузург бозанд. Ин махсусан хос аст ба соҳаҳои танзимшаванда, ба монанди хизматрасониҳои молиявӣ ва суғурта. Мақомоти танзимгар баъзан талаботҳоеро, ки ба пурқувватсозии назорат дар ташкилот равона гаштаанд ва дар дигар ҳолатҳо вазифаи мустақил ва обективии баҳогузории қисми хатти якум, дуюм ё сеюми дифоъ дар робита бо ин талаботҳоро ба роҳ мемонанд. Ҳангоми ҳамоҳангсозии самаранок аудиторони беруна, мақомоти танзимгар ва дигар гуруҳҳои берун аз ташкилот метавонанд ҳамчун хати иловагии ҳифз дида баромада шаванд, ки барои саҳҳомони ташкилот бо назардошти мақоми роҳбарикунанда ва роҳбарияти олӣ эътимод ва боварироро таъмин менамоянд. Аммо, бо назардошти ҳаҷм ва ҳадафи мушаххаси рисолати онҳо, иттилооти ҷамъовардашуда дар бораи хавфҳо, маъмулан нисбат ба фарогирии се хатти дохилии созмон камтар вусъат ёфтааст. (бинед. Ҷадвали зеринро ).

| **СЕ ХАТТИ ҲИМОЯ** | | |
|---|---|---|
| **ЯКУМ ХАТИ ҲИМОЯ** | **ДУЮМ ХАТИ ҲИМОЯ** | **СЕЮМ ХАТИ ҲИМОЯ** |
| Соҳибони хавфҳо менеҷерон | Назорати хавфҳо ва мутобиқат | Кафолати хавф |
| • Менеҷменти корӣ | • Мустақилияти маҳдудшуда<br>• ҳисоботҳо дар навбати аввал Менеҷмент | • Санҷишҳои дохилӣ<br>• фарқияти бузург<br>• ҳисоботҳо дар назди мақомти роҳбарикунанда |

Ҳарчанд ки ҳар як ташкилот беназир аст, аммо ҳолатҳои мушаххас аз ҳам фарқ мекунанд, услуби ҳамоҳангсозии ягонаи «дурусти» се хатти ҳимоя вуҷуд надорад. Аммо, ҳангоми таъин кардани вазифаҳои мушаххас ва ҳамоҳангсозӣ дар байни вазифаҳои идоракунии хавфҳо, дар хотир доштани нақши асосии ҳар як гурӯҳ дар раванди идоракунии хавфҳо муфид буда метавонад. Ҳамаи се хат бояд дар ин ё он шакл дар ташкилот, новобаста аз андоза ва мураккабияти он вуҷуд дошта бошад. Идоракунии хавфҳо одатан он вақте нисбатан пурқувваттар ба шумор меравад, ки се хатти алоҳидаи мушаххаси ишорашудаи ҳимоя вуҷуд дошта бошад. Аммо, дар ҳолатҳои истисноӣ, ки махсусан дар ташкилотҳои хурд ба миён меоянд, хатҳои муайяни дифоъро муттаҳид кардан мумкин аст. Масалан, мавриде мешавад, ки аз аудити дохилӣ барои таъсис ва / ё роҳнамоии фаъолияти идоракунии хавфҳо ё риояи талаботҳо дархост шудааст. Дар ин гуна ҳолатҳо аудити дохилӣ бояд ба таври мушаххас мақоми роҳбарикунанда ё роҳбарияти олиро дар бораи таъсиргузории муттаҳиднамоӣ хабардор намояд. Агар масъулияти дутарафа ба зиммаи як нафар ё шуъба гузошта шавад, тавсия дода мешавад, ки тақсимоти вазифаҳо барои ин функсияҳо дар марҳилаи хеле баъдӣ барои таъсиси се хат баррасӣ карда шавад. [35]

## АУДИТИ ДОХИЛӢ ВА ҲАМКОРӢ БО АУДИТИ БЕРУНА

Ҳадафҳои аудити молиявии сектори давлатӣ аксар вақт нисбат ба изҳори ақида дар бораи он, ки оё ҳисоботи молиявӣ дар ҳама ҷиҳатҳо мутобиқи чаҳорчӯбаи ҳисоботи молиявии (яъне доираи истифодабарии меъёрҳои байналмилалии аудит) таҳия шудаанд, васеътаранд. Ҳадафҳои иловагӣ метавонанд масъулияти аудиторӣ ва ҳисоботдиҳиро дар бар гиранд, ба монанди ҳисобот дар бораи он, ки оё аудиторони сектори давлатӣ ягон номувофиқатиро бо талаботҳои ҳукумат, аз ҷумла буҷа ва низоми ҳисоботдиҳӣ ва / ё ҳисобот дар бораи самаранокии назорати дохилӣ пайдо намудаанд. Аудиторҳои бахши давлатӣ метавонанд муайян кунанд, ки фаъолияте, ки аз ҷониби функсияи аудити дохилӣ иҷро карда мешавад, вобаста ба риоя накардани талаботҳои мақомот, аз ҷумла буҷа ва ҳисоботдиҳӣ ва самаранокии назорати дохилии ташкилот, бо аудит алоқаманд аст. Дар чунин ҳолатҳо, аудиторҳои бахши давлатӣ метавонанд фаъолияти аудиторони дохилиро барои пур кардани кори аудити беруна дар ин соҳаҳо истифода баранд. [36]

МОА ҳамчун аудитори беруна бояд самаранокии аудити дохилиро санҷиш гузаронад. Агар аудити дохилӣ самаранок дониста шавад, бояд кӯшиш ба харҷ дода шавад, ки бидуни зарар барои ҳуқуқи МОА аудити умумӣ барои ноил шудан ба тақсимоти мувофиқтарин ё тақсимоти вазифаҳо ва ҳамкории байни МОА ва аудити дохилӣ гузаронида шавад. [37]

---

19 *Ҳуҷҷати мавқеъгирии IIA: се хати ҳимоя дар идоракунии самараноки хавфҳо ва назорат, Донишкадаи аудиторҳои дохилӣ, январи соли 2013.*

20 *ISSAI 2610 – Истифодабарии корҳои ауидиторони дохилӣ, INTOSAI.*

## НАҚШИ АУДИТИ ДОХИЛӢ

Институти аудиторони дохили (IIA) аудити дохилиро ҳамчун кафолати мустақил, объективӣ ва машваратие, ки барои афзун намудани арзиш ва беҳтар кардани фаъолияти ташкилот пешбинӣ шудааст, муайян мекунад. Он ба ташкилот дар роҳи расидан ба ҳадафҳои худ бо роҳи муносибати муназзам ва интизомнок дар баҳогузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии хавфҳо, назорат ва идоракунии он кӯмак мекунад.

Аудити дохилӣ метавонад тавоноӣ ва заъфи назорати дохилии ташкилотро бо назардошти идоракунии он, фарҳанги ташкилӣ ва таҳдидҳо ва имкониятҳои бо он алоқамандро барои беҳбудӣ таҳлил кунад, ки ба қобилияти ташкилот барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ таъсир расонанд. Таҳлил баҳо медиҳанд, ки оё идоракунии хавфҳо хавфҳоро муайян мекунанд ва назоратро барои идоракунии самаранок ва самараноки маблағҳои давлатӣ ҷорӣ мекунад.

Аудити дохилӣ бо шахсони масъули идоракунӣ, ба монанди шӯрои директорон, кумитаи аудит, роҳбарияти олӣ ва ё дар ҳолати зарурӣ, як мақоми назорати беруна ҳамкорӣ мекунад, то системаҳои дахлдори назорати дохилиро таҳия ва татбиқ кунанд. Бо ин роҳ, аудити дохилӣ метавонад барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳо, тақвияти назорат ва баланд бардоштани самарабахшӣ ва самаранокии амалиёт ва риояи талаботи ҳукумат кумак кунад. Муайян кардани он муҳим аст, ки ҳарчанд, ки аудити дохилӣ метавонад ба назорати дохилӣ кӯмак кунад, аммо он набояд вазифаҳои идоракунӣ ва амалиётиро иҷро намояд.

Аудити дохилӣ дар муҳити гуногуни ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ, дар ташкилотҳое, ки аз ҷиҳати мақсад, андоза, мураккабӣ ва сохторашон фарқ мекунанд, дар шахсони алоҳида дар дохили ташкилот ва ё берун аз он гузаронида мешавад. Гарчанде ки фарқиятҳо метавонанд ба фаъолияти амалии аудити дохилӣ дар ҳар муҳит таъсир расонанд, риояи меъёрҳои байналмилалии амалияи касбии аудити дохилӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои аудиторони дохилӣ муҳим аст.
Ҳама аудиторҳо бояд ба эҳтимолияти амалиётҳои шубҳаноки марбут ба коррупсия ва шусташавии пул ва дар ин робита ба имконияти ба қайд гирифтани қаллобӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ диққат диҳанд. Дар доираи амалиётҳои омодашавӣ аудиторон бояд хавфи ин намуди қонуншиканӣ ва рафтори аудитории барои ин мақсад истифодашударо, аз ҷумла Дастур оид ба мубориза алайҳи қаллобӣ дар IIA –ро арзёбӣ кунанд. Дар ҳоле ки қаллобӣ ва дигар шаклҳои ҷиноят ба ташкилотҳо аз бисёр ҷиҳат: оқибатҳои молиявӣ, обрӯмандӣ ва равонӣ ва иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонанд ; Доштани барномаи мустаҳкам оид ба қаллобӣ, ки чораҳои ҳисоботдиҳӣ, пешгирӣ ва ошкорсозӣ инчунин раванди баҳодиҳии хавфи қаллобиро дар бар мегирад, барои муайян кардани хавфҳо дар дохили ташкилот ҳатмист.

21 *INTOSAI-P 1* - Лимская декларация (1977 г.)

Мувофиқи дастури ба нашррасонидаи IIA, Институти америкоии ҳисобҳои тасдиқшудаи давлатӣ (AICPA), Дастури Ассотсиатсияҳои мутахассисони тасдиқшуда оид ба санҷиши қаллобӣ (ACFE) «Идоракунии хавфи қаллобӣ дар тиҷорат», месазад ба унсурҳои мазкур аҳамият дод: [38]

• маълумотнокӣ дар бораи қаллобӣ / коррупсия (барои мисол, сабабҳо ва мисолҳои қаллобӣ ва нишондиҳандаҳои эҳтимолии қаллобӣ),

• нақш ва вазифаҳо дар муносибат бо қаллобӣ / коррупсия,

• вазифаҳои аудити дохилӣ ҳангоми супоришҳои аудиторӣ (барои мисол, вазифаҳои роҳбарон ва умумӣ бо шӯрои директорон),

• Баҳогузории хавфҳои қаллобӣ ва коррупсия (барои мисол, муайянсозии унсурҳои мутобиқаткунандаи хавфи қаллобӣ ва муайян кардани омилҳои хавфи дахлдори қаллобӣ ва мувофиқ кардани назорати мавҷуда бо намунаҳои қаллобӣ ва муайян кардани камбудиҳо),

• пешгирӣ ва ошкор кардани қаллобӣ / коррупсия,/

• тафтиши қаллобӣ / коррупсия,

• ташаккули андеша дар бораи назорати дохилии марбут ба қаллобӣ ва коррупсия.

Ин дастур инчунин маводи истинод, саволҳо ва баррасии хавфи қаллобиро дар бар мегирад.

---

22 *Идоракунии хавфи қаллобӣ дар тиҷорат:* Дастури амалӣ, Институти аудиторони дохилӣ, Донишкадаи америкоии суратҳисобҳои давлатии тасдиқшуда ва Ассотсиатсияи тадқиқотчиёни тасдиқшудаи қаллобӣ.

23

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ОЛИИ АУДИТ

Мувофиқи INTOSAI-P 20 - Принсипҳои шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, яке аз унсурҳои асосии фаъолияти мақомоти аудити миллии таҳияи ҳисоботи солона дар бораи кори худ ва таҳияи ҳисоботи солона ба шумор меравад. (Ҳисобот дар бораи фаъолият).[39] Аз ҳисоби саривақтӣ ва ошкорбаёнии натиҷаҳои аудит, МОА огоҳии мардумро дар бораи таҳдидҳои ҷамъиятӣ баланд мебардорад ва масъулиятро тақвият медиҳад. Чунин ҳисобот маҷмӯи донишҳо дар бораи фаъолияти як мақоми мустақили аудити миллӣ мебошад. Он бояд ба мақомоти олии қонунгузории давлат пешниҳод карда шуда, таҳлил, муҳокима ва пас аз он чоп карда шавад. Ин ҳуҷҷат бояд маълумотро дар бораи фаъолияти солонаи мақомоти аудиторӣ, аз ҷумла натиҷаҳои асосӣ, натиҷаҳои аудит, таҳлилҳо, тавсияҳо, таъсири натиҷаҳои молиявӣ, инчунин пешниҳодҳои қонунгузорӣ, ки аз татбиқи тавсияҳои пас аз аудит бармеоянд, дар бар гирад.

Яке аз унсурҳои муҳими чунин гузориш бояд боб дар бораи фаъолияти МОА дар мубориза бо қаллобӣ, фасод, шусташавии пул ва дигар намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳо бошад. Дар ин боб бояд хулосаҳо ва амалҳое, ки аз ҷониби мақомоти аудиторӣ гирифта шудаанд, маълумот дар бораи зарари молиявӣ, тавсияҳо пас аз санҷиш ва амалҳои ислоҳии аз ҷониби аудитор гузаронидашаванда бояд тасвир карда шаванд.

Дар он инчунин бояд барои муайян кардани ҳама гуна соҳаҳои хатар ва чораҳои мубориза бо коррупсия методологияи он тавсиф карда шавад ва шарҳи натиҷаҳои аудит / санҷишро, ки таҳдидро муайян кардааст, пешниҳод кунад.

Барои мақомоти қонунбарор (масалан, парламент), МОА бояд дар асоси натиҷаҳои аудити худ таҳлили хавфи коррупсия ва қаллобиро, ки метавонад соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлатиро фаро гирад, таҳия кунад.

---

24 INTOSAI-P 20.

## ҲИСОБОТ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ДАВЛАТӢ

Ташкилотҳои давлатӣ метавонанд ҳисоботи солонаи фаъолиятро тибқи қонунгузории миллӣ нашр кунанд. Ин ҳисоботҳо метавонанд ҳадафҳо, амалҳои андешидашуда, фаъолият, хароҷот ва ғайра, инчунин таҳлили радифҳо ва натиҷаҳои бадастомадаро фаро гиранд. Чунин ҳисоботҳоро МОА метавонад барои амалисозии мақсадҳои аудит истифода барад.

## СОМОНА ВА АХБОРОТИ ОММА

Дар ҷомеаи иттилоотии ҳозираи мо, интернет як ҷузъи муҳими иртибот бо шаҳрвандон ба шумор меравад. Истифодабарандагони Интернет метавонанд маълумотро дар бораи муассиса, ташкилот ва фаъолияти он дастрас намоянд. МОА, бо истифода аз Интернет ва технологияҳои иттилоотӣ, бояд афкори умумро бо маълумот дар бораи фаъолияти давлат, аз ҷумла қонуншиканиҳои мушоҳидашуда, натиҷаҳои аудит ва хулосаҳо таъмин намояд.

Нақши муҳиме, ки МОА дар пешбурди идоракунии самарабахш мебозад, одатан аз мавқеи махсуси онҳо дар назди ҳукумат сарчашма мегирад.
Масалан, дар бисёр кишварҳо МОА ниҳоди олии аудит буда, аз шохаҳои иҷроия ва судии ҳокимият ва тобеи ҳокимияти қонунгузор мустақил мебошад. Бо доштани ваколати васеи аудитӣ, МОА ба фаъолияти тамоми низоми давлатии мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, аз ҷумла фасод ва шустани пул, баҳо медиҳанд. Бо чунин дурнамои васеъ, онҳо метавонанд дар бораи таҳкими муассисаҳои давлатӣ машварат диҳанд. [40]

Татбиқи идоракунии хуб муҳитеро талаб мекунад, ки барои фасод, шустани пул ва дигар шаклҳои ҷиноят мусоид нест. Дар ҳоле ки таъсири манфии иқтисодии шустани пулро барои рушди иқтисодиёт муайян кардан душвор аст, маълум аст, ки чунин фаъолият барои муассисаҳои бахши молия, ки барои рушди иқтисодӣ муҳиманд, зарари ҷиддӣ мерасонанд. Шустани пул ба рушди муассисаҳои молиявӣ бо ду сабаб халал мерасонад. Якум, шустани пул ташкилотҳои молиявиро хароб мекунад. Дар ин муассисаҳо аксар вақт байни пулшӯӣ ва амалҳои қаллобонаи кормандон робита вуҷуд дорад. Дуюм, шустани пул эътимоди муштариёнро ба муассисаҳои молиявӣ, на танҳо дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, балки дар тамоми ҷаҳон коҳиш медиҳад. Эътимоди мизоҷон барои рушд ва устувории муассисаҳои молиявии солим асосист ва хавфи эҳтимолӣ барои амонатгузорон ва сармоягузорон аз қаллобӣ ва фасоди институтсионалӣ монеи ин боварӣ мегардад. Илова бар таъсири манфии қонунигардонии шустушӯи пул дар рушди иқтисодӣ аз сабаби эрозияи бахшҳои молиявии кишварҳо, шуста шудани пул ба рушди иқтисодии бахши воқеӣ таъсири бевоситаи манфӣ мерасонад, захираҳоро ба фаъолияти пасти истеҳсолӣ равона мекунад ва ба коррупсия ва ҷиноятқории дохилӣ мусоидат мекунад, ки чунин ҳолат дар навбати худ рушди иқтисодиро ба фурӯравӣ мувоҷеҳ месозад.

25 *Добровольски З. Мусоидат дар амну суббот тавассути идоракунии самаранок, Фаъолияти Палатаи олии назоратии Лаҳистон дар мубориза алайҳи фасод ва шустушӯи воистаҳои пулӣ ва дигар вайронкуниҳои ҳуқуқӣ, Форуми 20 уми муҳити зистии САҲА, Созмони амният ва ҳамкориҳои Аврупо, Прага соли 2012, саҳифаи 1-4*

Коррупсия инчунин баъзе дараҷаҳои (категорияҳои хароҷотро ба миён меорад:

•хароҷотҳое, ки аз даст рафтани даромад аз андоз, боҷҳои гумрукӣ, вобастакуниро, ба миён меорад, инчунин хароҷотҳои коррупсия ба вуҷудоварда ҳангоми харидҳои давлатӣ;

•пастшавии судоварии инвеститсияҳо ва рушди иқтисодӣ, аз он ҷумла аз ҳисоби сӯиистифода намудан аз уҳдадориҳои назоратбаранда;

• бори вазнин барои ҷамъият, хусусан аз сабаби андозбандии аз меъёр зиёд, сифати пасти хизматрасониҳо;

Инчунин

•аз даст додани боварӣ нисбат ба муассисаҳои давлатӣ, ки метавонад эҳтиромгузорӣ ба тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарӣ ва ҳатто идеяҳои давлатиро қатъ намояд. [42]

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МУАССИСАҲОИ ОЛИИ АУДИТ

Мутобиқи вазифаҳои дар қисмати беҳтар сохтани идоракунии хуб ҳар як МОА бояд стратегияи маҷмӯии мубориза бар зидди коррупсия, шусташавии пул ва дигар намуди қонунвайронкуниҳоро таҳия намояд. Яке аз унсурҳои муҳими барномаи ВОФК оид ба мубориза бар зидди қонунвайронкуниҳо кори он оид ба мустаҳкамсозии муассисаҳо давлатӣ, ки унсури хариданашавандаи низоми миллӣ ба шумор меравaнд мебошад. Ҳар як муассисаи давлатӣ дар ҳудуди уҳдадориҳои оинномавии худ ин низоми миллии беайбӣро ҳамчун сутунҳои такякунандаи шифти як бино дастгирӣ менамояд. Идоракунии боэътимод дар чунин низом асос ёфтааст ба монанди; поквиҷдонӣ, шаффофӣ ва ҳисоботдиҳӣ. [43]

Мебояд ба хотир овард, ки идоракунии бахшҳои давлатӣ ба он равона шудааст, ки ташкилоти ҷамъиятӣ ба натиҷаҳои умумии худ ба чунин тарз ноил гардад, ба хотири он, ки тариқи қарорҳо ва амалҳо боварӣ нисбат ба ташкилот баланд бардошта шавад. Ҳамин тариқ, идоракунии хуб маънои онро дорад, ки роҳбарияти ташкилот, кормандони он, ҳукумат, парламент ва шаҳрвандон метавонанд ба он такя намоянд, ки ташкилот кори худро хуб, бо поквиҷдонии пурра ва ҳисоботдиҳӣ ба анҷом мерасонад.

---

26 *Ibidem*; B.L. Bartlett, *The Negative Effects of Money Laundering on Economic Development,* International Economics Group Dewey B Ballantine LLP, 2002, p. 1.

27 Z. Dobrowolski, *Trust, Corruption and Fraud*, op. cit., pp. 137-138.

28 Z. Dobrowolski, *Promoting Security and Stability through Good Governance. The activity of Polish Supreme Audit Office as an example of interagency co-operation in the fight against corruption, money laundering and other types of wrongdoing.* 20th OSCE Economic and Environmental Forum, Organization for Security and Co- operation in Europe, Prague 2012, pp. 1-4

Идоракунии хуб одатан дар ду талаботи асосии ташкилот инъикос меёбад :

- Самарабахшӣ, ки ҳангоми он ташкилот механизмҳои идоракунии худро, ба хотири он ки ба истеҳсолнокӣ ва пешниҳоди молҳои худ, хизматрасонӣ ва барномаҳо ёки барномаҳои умумӣ мусоидат намояд; инчунин
- Риоякунӣ, ки ҳангоми он ташкилот механизмҳои идоракунии худро барои таъминсозии мутобиқат ба талаботҳои қонун, санадҳои меъёрӣ, меъёрҳои нашршуда ва интизориҳои ҷамъиятии поквиҷдонӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ошкоро будан истифода мебарад.

Идоракунии хавфҳо бояд дар асоси муносибати ташкилот, дар ноилшавӣ ба ҳадафҳо, ба истеҳсолнокӣ ва мувофиқат вуҷуд дошта бошад.
Бо назардошти муҳимияти онҳо дар мубориза бар зидди коррупсия МОА бояд услуби истифодабарандаи баҳогузории низоми интегратсиякунонӣ то муҳити идоракунии хавфҳо ва назорат (бо назардошти назорати дохилӣ)-ро вусъат бахшад ва хавфҳои потенсиалиро махфӣ нигоҳ дорад. Низоми хуб боварии бошууронаро дар он ки ташкилот ба ҳадафҳои худ дар ҳудуди дараҷаи қабулшудаи хавфҳо ноил мегардад, бояд таъмин созад.
Мутобиқи вазифаҳои ҳуқуқии худ кӯшишҳои МОА дар амалисозии идоракунии хуб бояд бисёрҷабҳа бошад. Ин кӯшишҳо метавонанд вусъат ёбанд, аммо маҳдуд нагарданд:

• воридсозии максъалаҳои идоракунии хуб дар кори ҳамарӯзаи аудитории МОА;

• баландбардории маълумотнокии ҷомеа оид ба моҳияти поквиҷдонии доимӣ, шаффофият ва бошарафӣ дар ҳукумат;

• амалисозии усулҳо ва воситаҳои мубориза бар зидди қонунвайронкунӣ, ба монанди коррупсия, қаллобӣ, сӯиистифода аз ҳокимият, зараррасонӣ ва ғ. ;

• ба хабарнигорон фароҳамсозии имконияти хабар додан дар бораи ҳолатҳои қонунвайронкунӣ; инчунин

• ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳое, ки нақши фаъолонаи худро дар пешгирии қонунвайронкуниҳо ва пурқувватсозии принсипҳои идоракунии хуб мегузоранд.

Ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани аудит МОА бояд созишномаҳои байналмилалӣ, меъёрҳои INTOSAI, қоидаҳо ва низомномаҳои хусусӣ, беҳтарин усулҳои аудит ва меъёрҳои идоракунии хубро ба инобат гирад. Ин ба МОА дар баҳогузории ҷонибҳои фаъолияти заиф ва пурқувватдоштаи ташкилоти санҷидашаванда кумак менамояд ва вобаста ба беҳтарсозии фаъолият тавсияҳо пешниҳод намояд.

Баҳогузории фаъолияти ташкилоти санҷидашаванда дар бахши идоракунии хуби дороиҳои давлатӣ, ки аз ҷониби МОА гузаронида мешавад, бояд аз доираи унсурҳои маъмулии тасдиқшудаи аудити молиявӣ, ки оид ба чунин масъалаҳо ба монанди, ҳисоботдиҳии молиявӣ ва назорати дохилӣ, назорати дохилӣ аз болои масъалаҳои молиявӣ хулосаи худро медиҳад, берун барояд.

## ПРИНСИПҲОИ ИДОРАКУНИИ ХУБ

МОА бояд принсипҳои зерини идоракунии хубро ба инобат гирад:

### » 4.2.1 ИСТИФОДАБАРИИ ПРИНСИПИ БАРОБАРӢ

Ин маънои муошрати баробар бо шаҳрвандон тавассути бароҳмонии меъёрҳои ягонаи обективиро дорад. Ин ҳамчунин маънои ба ҷонибҳои манфиатдор пешниҳодсозии имконияти пешкаш намудани нуқтаи назар, далелҳо, инчунин баҳогузории фаъолияти идоракунии давлатиро дорад. Принсипи дар боло зикргашта бояд дар суҳбатҳои оммавӣ истифода бурда шавад ва он барои таъминсозии ошкоргӯӣ ва шаффофияти идоракунии давлатӣ, ҳисоботдиҳии шахсони қарорҳоро қабулнамуда ва ҷонибҳои манфиатдори дар иҷроиши вазифаҳои ҷамъиятӣ иштироккунанда муҳим мебошад.

Суҳбатҳои ҷамъиятӣ, ки ҳамчун раванди интихоб ва тафсири масъалаҳои муҳим фаҳмида мешаванд ва манфиатҳои ҷомеаро пешниҳод менамоянд, дар идоракунии давлатӣ хеле муҳим мебошанд. Барои тарҳрезии талабот ва рейтингҳои ҷонибҳои манфиатдор, инчунин барои гирифтани донишҳои умумӣ, барои ташаккулдиҳии мушаххас ва қоидаҳои дастрас, ки қонуни асосии фаъолият аз ҷониби мақомти давлатӣ қабул мегардад, суҳбатҳои ҷамъиятӣ муҳим мебошанд.

Дастрасии баробар ба маълумоти боэътимод барои муҳокимаи оммавӣ муҳим мебошад ва маълумот бояд барои тамоми шаҳрвандон фаҳмо бошад. Фақат ҳамон вақт ба таври масъулиятнок на танҳо дархостҳоро ба мақомоти давлатӣ бо мақсади ҳалли проблемаҳои мушаххас тартиб додан, балки ба фаъолияти давлатӣ низ баҳои аниқ додан мумкин аст.[43] Аз ҳамин сабаб МОА бояд на фақат мушаххасии маълумотро санҷида баҳо гузорад, балки ба он ҳам баҳо диҳад, ки маълумоти ба ҷомеа пешниҳодгашта фаҳмо аст ё не. МОА ҳамчунин бояд баҳогузорӣ намоянд, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ оё иштироки шаҳрвандиро дар фаъолияти ҷамиъиятӣ инкишоф медиҳанд ё не.

Таъминсозии мустақилияти ВАО (барои мисол, тавассути қонунҳо ва сохторҳои хусусӣ) ва ҳифзи сарчашмаҳои он барои фаъолияташон муҳим аст ва бояд аз тарафи ҳукумат таъмин карда шаванд. Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчунин бояд аз мустақилият ва озодии иштирок дар фаъолияти худ истифода баранд. МОА бояд баҳогузорӣ намояд, ки оё сиёсати давлатии масъалаҳои дар боло зикршударо баррасикунанда дуруст амалӣ мешаванд.

---

29 З. Добровольский, Пешгирии фасод ( коррусия) ва қаллобӣ, Б. Кожух, З. Добровольский (ред.), Ташкили эътимоди мардум, саҳифаҳои 165-170.

## » 4.2.2 ФАРОҲАМСОЗИИ РИЗОИЯТИ ШАҲРВАНДӢ

МОА бояд барои ноил гардидан ба ризоияти шаҳрвандӣ, ба хотири муҳимияти ба дастоварии афкори умумии ҷамъиятӣ дар бораи фаъолияти бахшҳои давлатӣ, ки бояд меъёрҳои васеи иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро ба назар гирад, мусоидат намоянд. Риояи меъёрҳо ва қоидаҳои муносибат аз ҷониби ашхоси мансабдори давлатӣ дар бештари маврид аз заминаи васеи меъёрӣ ва тартибӣ вобаста мебошад. Меъёрҳои рафтори хизматчиёни давлатӣ, ба монанди кодекси ахлоқ, вақтро талаб мекунанд, ба хотири он ки онҳоро азхуд намоянд ва қисме аз реҷаи бюрократии ҳаррӯза гарданд. Аз ҳамин лиҳоз, баландбардории маълумотнокии хизматчиёни давлатӣ дар бораи муҳимияти поквиҷдонии онҳо та танҳо барои пешниҳоди хизматрасониҳои хуби давлатӣ, балки пеш аз ҳама барои баланд бардоштани боварии шаҳрвандон ба муассисаҳои давлатӣ, моҳияти ҳалкунандаро доро мебошад. МОА бояд фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии ба омӯзиш ва дигар чораҳои амалигаштаро барои  пешгирии суқути ахлоқӣ, дар ташкилотҳои ҷамъиятиро баҳогузорӣ кунад. Ба ғайр аз ин, МОА бояд барои пешравии ташхилотҳои худ нисбат ба таҳия ва азнавсозии кодексҳои ахлоқ барои хизматчиёни давлатӣ қадамҳои устувор гузорад.

Механизмҳои фаҳмондадиҳии хушахлоқии бахши давлатиро бояд пайваста мустаҳкам намуд. Ин махсусан барои мониторинги ихтилофи манфиатҳо ва идоракунии дороиҳои давлатӣ муҳим аст.

## 4.2.3 МУСОИДАТ БА ШАФФОФИЯТ

ШАФФОФИЯТ  - ин принсипест, ки МОА бояд онро ҳангоми санҷиши равандҳои бахши давлатӣ рушд диҳад. Аз сабаби мураккаб будани раванди қабули қарорҳои вобаста дар иҷроиши вазифаҳои худ, хизматчиёни давлатӣ уҳдадориҳои дискретсионӣ мегиранд, ки дар навбати худ метавонад сатҳи номуайяниро афзояд; аз ҳамин сабаб ҳам шаффофият барои самаранокӣ ва фаъолнокии муассисаҳои давлатӣ моҳияти аввалиндараҷа дорад. Пешбарии дараҷаи баланди шаффофият дар равандҳои бахши давлатӣ озодии салоҳдиди инсонро паст мекунад ва хавфи таъсирбахшии ғайриқонуниро низ поён мебарад.

### 4.2.4 БАҲОИ ИДОРАКУНИИ НЕРӮИ КОРМАНДОН

Идоракунии нерӯи кормандон, ки дар хизматҳо асос ёфтааст, дар беҳтарсозии идоракунии хуб унсури калидӣ ба шумор меравад. Ба хотири пешгирӣ намудани таъсиргузории аз ҳад беши равандҳои идоракунии нерӯи инсонӣ дар бахши давлатӣ, меъёрҳо ва тартиботи интихоб ва пешравӣ аз рӯи вазифа бояд аз рӯи адолат бошад, пешакӣ муайяншуда ва ба таври мушаххас ҳуҷҷатгузорӣ шуда бошад, ба хотири он ки озодии салоҳдид ва ҳакамӣ маҳдуд шуда бошад. Ҳамчунин бояд сохторҳои аппелятсионӣ ва механизм барои таъмин намудани ислоҳи самараноки вазъият ташкил карда шавад. Идоракунии самараноки нерӯи инсонӣ метавонад хавфҳои потенсиалӣ ва ҷойҳои заифро аз ҳисоби таъиноти корманди босалоҳият барои иҷрои раванд ва назорат паст кунад.

МОА бояд бештари таваҷҷуҳи худро ба омӯзиши давраги кормандони худ, бо донистани он ки муваффақияти мубориза бар зидди қонунвайронкуниҳо на танҳо аз тартибот ва воситаҳои кории аудитӣ, балки аз мавҷудияти кормандони дорои лаёқат, дониш ва истеъдодҳо барои муайянсозӣ ва баҳогузории қонунвайронкуниҳои эҳтимолӣ вобаста аст ҷудо намояд.

МОА бояд мунтазам ба хотири беҳтар намудани услуби худ корбарӣ намуда, қонуншиканиҳоро аниқ сохта бар зидди он мубориза барад, инчунин поквиҷдонӣ, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва дигар принсипҳои идоракунии дороиҳои давлатӣ баланд бардошта шавад.

### ШИКОЯТ ВА ДАРХОСТҲО

Ҳаҷми заминавии ҳуқуқии худро ба инобат гирифта, МОА бояд пайваста шикоят ва дигар дархостҳоро аз шаҳрвандон, воситаҳои ахбори омма, дафтарҳои марказӣ ва дигар сарчашмаҳо ба қайд гирад.

Маводҳои ҷамъовардашуда бояд ташхис карда шуда, баъди он МОА бояд ба хулосаҳои аниқ омада вобаста ба онҳо чораҳои амалӣ бинанд.

Тарзи муқarраршудаи гурӯҳбандии мушкилот, бояд ба муайян кардани минтақаҳое, ки майли қонуншиканӣ доранд, имкон диҳад. Аз нуқтаи назари таҳдидҳои мавҷуда фаҳмидани он ки чӣ гуна шикоятҳо ва изҳорот ҳангоми гузаронидани аудит дар ин масъала муфид буда метавонанд, махсусан муҳим аст.

Аз ин рӯ, МОА метавонанд барои гузаронидани аудит, ба монанди аудити махсуси таҳдидҳо, ки хеле муҳим ҳисобида мешаванд ва аз ҷониби манбаъҳои гуногун тасдиқ карда мешаванд тасмим бигиранд. Вобата ба ин, агар миқёси чорабинӣ назаррас бошад, метавонад нақшаи васеътари аудит ё стратегия таҳия карда шавад.

Агар мувофиқ бошад, МОА метавонад шаҳрвандон, васоити ахбори омма ва ғайраро дар бораи амалҳое, ки дар асоси шикоятҳо андешида шудаанд, огоҳ созад. Амалҳое, ки дар посух ба шикоятҳо анҷом гирифтаанд. МОА инчунин бояд барои ҳифзи махфияти шикояткунандагон ва иттилооти марбут чораҳои дахлдор андешад.

МОА бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки тавассути амали кормандони худ ӯҳдадориҳои хешро ба беайбии шахсӣ равона кунад. МОА бояд як муассисае бошад, ки аз дигар муассисаҳо метавонад дар бораи қонуншикании гумонбар ё воқеӣ, дар ҷои кор маълумот пешниҳод кунанд. Шахсони воқеӣ бояд бо пешниҳоди маълумоти хаттӣ дар бораи коррупсия, қаллобӣ, исрофкорӣ, сӯиистифода ё истифодаи ғайриқонунии маблағҳои давлатӣ ва дигар намуди қонуншиканӣ, ба МОА ё намояндагони МОА шахсан ё тавассути шабакаи шикоятҳои МОА дархост пешниҳод намоянд. Тамоми маълумоти ҷамънамудаи шабакаи шикоятҳои МОА бояд тавассути алоқаи бехатар пешниҳод карда шавад ва МОА бояд тамоми маълумоти аз тарафи хабарнигорон пешниҳодгаштаро аз фошсозии беиҷозат ҳифз намояд. Шикоятҳои дастраснамудаи МОА сарчашмаи пурарзиш дар бораи ҳолати ӣҷтимоӣ- иқтисодӣ дар кишвар ба шумор меравад ва метавонанд барои таҳлил ва баҳодиҳии фаъолияти ашхоси санҷидашаванда истифода шаванд. Шумораи шикоятҳои воридшуда аз шаҳрвандон метавонад ҳамчун нишондоди боварии ҷамъият нисбат ба МОА баррасӣ шавад. Шумораи шикоятҳои воридшуда аз шаҳрвандонро ҳамчун нишондоди дараҷаи боварии ҷамъият нисбат ба МОА баррасӣ намудан мумкин аст. Бо дарназардошти механизмҳое, ки хавфи фасод (коррупсия) ва дигар намудҳои қонуншиканиро бинобар меъёрҳои норавшан ё норасоиҳо дар қонунгузорӣ зиёд мекунанд, МОА бояд арзёбӣ, ошкор ва тағирот ба санадҳои меъёрии кишварҳояшонро пешниҳод кунад.

30 Добровольски З. Мусоидат ба амният ва субот тавассути идоракунии мавҷуда. саҳ. 1-8.

МОА бояд бо истифода аз сохтори мувофиқ дар бахши сохторҳои давлатӣ мавҷудияти низоми назорати дохилиро пешбарӣ ва ташвиқ кунад, зеро татбиқи ин стандартҳо чораи таъсирбахшиест, ки дар баланд бардоштани масъулияти ҳисоботдиҳӣ мусоидат менамояд.

МОА бояд фишангҳоеро (механизмҳоеро) барои баҳодиҳӣ ва ошкоркунӣ муайян кунанд, ки барои қонуншиканӣ шароити мусоид, бахусус дар соҳаи идоракунии дороиҳо фароҳам оранд. МОА бояд баҳри арзёбии мавҷудияти принсипҳои таъсиси фишангҳои пешгирии ихтилофи манфиатҳо, манфиатҳои ғайриқонунӣ, истифодаи ғайриқонунии маълумоти махфие, ки бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки дар раванди иҷроиши супоришҳои марбут ба вазифаҳои давлатӣ ба куллӣ риоя шавад.
Муайян кардани фишангҳое, (механизмҳое) ки хавфи фасод (коррупсия) ва дигар намудҳои қонуншиканиро аз сабаби муқаррароти норавшан ё норасоиҳои қонунгузорӣ зиёд мекунанд, МОА бояд арзёбӣ, ошкор ва пешниҳоди тағиротҳоро дар доираи риояи қоидаҳои ҳатмӣ дар кишварҳои худ пешниҳод кунад.

### » 4.4.1 ВАЙРОНКУНИҲО ДАР ҚОНУНГУЗОРӢ

Бо дарназардошти он, ки мавҷудияти иллатҳо, набудани шаффофият, рӯшанӣ дар санадҳои меъёрӣ, набудани қоидаҳои маъмурӣ, бояд сабаб шавад, ки МОА дар нобудкардани ин гуна иллатҳо ва решакан кардани қонунвайронкуниҳо талош карда, бояд ба сифати қонунгузорӣ таваҷҷуҳи аз ҳадд зиёдро равона созад. Қонунгузории номукаммал, номушаххас, носаҳеҳ ё номувофиқ метавонад дар тафсири қоидаҳои ҳатмӣ ва рафтори қонунии мансабдорони давлатӣ халал ворид созад, аз ин рӯ, МОА бояд дар ин самт эҳтиёткорӣ ва дақиқназариро корбарӣ намояд.

### » 4.4.2 БЕЭЪТИБОРИИ АЗ ҲАД ЗИЁДИ АШХОСИ ДАВЛАТӢ ВА ИХТИЛОФИ МАНФИАТҲО

Роҳи ҳалли қобили қабул дар баъзе расмиёти маъмурӣ – додани баррасии озод дар қабули қарорҳо мебошад, ҳангоме, ки қарори воқеӣ аз усули муносибати хизматчии давлатӣ ва эътирофи вазияти баамаломада вобаста аст. Аммо, мушкилоте, ки ҳар даъфа пеш меояд, ки баррасии озод ба озодии аз ҳад зиёд табдил меёбад, бахусус, вақте ки хизматчиёни давлатӣ қабули қарорҳоро беихтиёр на дар доираи меъёрҳои қонунӣ, балки мувофиқи салоҳдиди худ қобили қабул медонанд. Ин фишанг (механизм) аз мавҷуд набудани меъёрҳои шаффофи ҳалли масъалаҳо иборат аст, ки дар натиҷаи он шахсони мансабдор метавонанд сарфи назар аз хулосаи манфии мақомоти машваратӣ бо ихтиёри хеш қарор қабул мекунанд. Ин набудани возеҳӣ ва бидуни дақиқназарии қонунӣ буда, ба таври зуд-зуд иваз мешаванд.

Барои коҳиш додани хатари фасод (коррупсия) ва тасарруфи пулӣ, ки бо дороиҳои давлатӣ алоқаманд аст, роҳбарият бояд муқаррароти кофӣ возеҳ ва дақиқро ҷорӣ кунад, алахусус онҳое, ки тартиби қабули қарорҳоро бо хотири манфиатҳои ниҳодҳои ҷамъиятӣ бо ҳадафи пешгирии тафсирҳои ғалату шубҳаовар танзим мекунанд.

Вобаста аз пойгоҳи қонунӣ, МОА бояд махсусан шароитҳоро муайян кунад, ки қарорқабулкунандагон бояд риоя кунанд, ки кадом ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кунанд, мӯҳлати қабули қарорҳо, асоснокии қарорҳоро чӣ гуна (манфӣ ё мусбат) муайян кунанд, алалхусус ҳолатҳое, ки манфиатҳо ё иштирокчиёни рақобатпазир низ ба ин гуна ҳолатҳо дахолатпазир бошанд.

Ба таври ҳамешагӣ мунтазаман назорати ҳатмии қабули қарорҳо барои ворид кардани тағйиротҳо, ислоҳот, махсусан дар ҳолатҳое, ки меъёрҳо номуайян ва дақиқ нестанд, ки аз ин сабаб барои баррасӣ зарурият пайдо мекунанд. Ғайр аз ин, олоти муҳими пешгирии аз ҳад зиёди бознигарӣ аз ҷониби шахсони мақомоти иҷроияи ҳокимият ва мавҷудияти ихтилофи манифатҳо ин татбиқи усули «қоидаҳои чашмони зиёд», маънои онро дорад, ки қабулкунандагони қарорҳое, ки бо фаъолони давлатӣ иртибот доранд, худ кор намекунанд, вале мустақиланд, дар баробар ин ваколатҳои худро бо дигарон тақсим мекунанд.

Воситаи муассири бартараф кардани бознигарии ихтиёрии маъмурӣ дар идоракунии дороиҳои ҷамъиятии нисбатан ошкорбаёнии васеъ ва мурофиаҳои тафтишии тақдирсоз маҳсуб меёбад.

Пеш аз ҳама, принсипи дастрасии баробар ба иттилоот дар бораи гирифтани фоида дар доираи хароҷоти давлатӣ бояд риоя карда шавад. Пеш аз ҳама, риояи принсипи дастрасии баробар ба иттилоот оид ба гирифтани имтиёзҳо дар доираи хароҷоти давлатӣ мебошад.

Ҳангоми аудит, МОА бояд ба ташкили кор дар идораи аудитшаванда, низоми баррасии раванди қабули қарорҳо ва таъини масъулият дар марҳилаҳои гуногуни раванд таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намояд. Мебоист мураккабиро ба назар гирифт, ки бо мураккабии раванди қабули қарорҳои маъмурӣ иртиботи зич дорад.

МОА бояд оқибатҳои номатлуби қарорҳои маъмуриро, чӣ аз ҷиҳати идоракунии самараноки дороиҳои давлатӣ (оқибатҳои молиявӣ) ва чӣ аз ҷиҳати ихтилофи манфиатҳои мансабдор ва ҷонибҳои дигар бодиққати мавриди омӯзиш қарор диҳад. Ин на танҳо ба харид, балки хусусигардонӣ, фурӯш ва иҷораи дороиҳо, бурсҳо (грантҳо), қарзҳои имтиёзнок ва ғайра низ дахл дорад. МОА инчунин бояд арзёбии шаффофияти қабули қарорҳо ва равандҳои хариди давлатиро татбиқ намояд.

### 4.4.3 МАВҶУД НАБУДАНИ ҲИСОБОТДИҲАНДА ВА Ё ҒАЙРИФАЪОЛ КОРБАРИИ Ӯ

Омили дигаре, ки ба содиршавии ҷиноятҳо сабаб мешавад, ин риоя нашудани принсипи ҳисоботдиҳӣ мебошад, ки бо татбиқи бесамари низоми назорати дохилӣ иртибот дорад,

ки дар натиҷа хизматчиёни давлатӣ маблағҳои давлатиро ба қадри кофӣ идора карда наметавонанд.

Ҳисоботдиҳанда бояд на камтар се ҷабҳаро дар бар гирад:

• Он бояд берунӣ бошад, чораҳои назорати шахсе, ки узви мақомот ё муассисаи назоратшаванда набошад.
• Ҳамкориҳои муассири ҳадди аққал дар ду сатҳе, ки бо талаби посухгӯӣ ба савол ҷавоб дода тавонанд, эҳтимолан ба суол ҷавоби раддкунанда аз масъулият гиранд.
• Он бояд ҳуқуқи мақомоти болоиро барои талаб кардани посухро дар бар гирад ва ҳуқуқи дастраси кардани маълумот ва огоҳ шуданро доранд, шояд эҳтимолан додани муҷозот низ ба миён меояд.

«Сатҳи ҳисоботдиҳанда ба мақоми поён мефарояд, агар он ҳамчун принсипи шаффофияти ҳукумат фаҳмида шавад ва танҳо барои интиқол ва қабули иттилоот, бидуни ишора ба натиҷаҳои ҳамкорӣ, ҳамкорӣ оид ба пешниҳоди иттилооте, ки бояд аз ҷониби МОА арзёбӣ шавад". [46]

Талаботи принсипи масъулиятшиносӣ дар он зоҳир мешавад, ки истифодабарии стандартҳои муйяншудаи рафтор, ки бар он ҳамчунин ихтилофи манфиатҳо дар фаъолияти шахсони мансабдору вазифадори давлатӣ дрхил мешаванд, ки набояд аз ҳадди ваколатҳои хеш ба таври ихтиёрӣ гузашта, набояд, ки ваколатҳои зиёд дар ихтиёри як нафар шахси соҳибмансаби давлатӣ бошад.

МОА бояд самаранокии татбиқи фишангҳои (механизмҳои) масъулияти шахсиро дар ташкилотҳои аудитшаванда ба назар гирад.

## » 4.4.4 НАЗОРАТИ ЗАИФИ ДОИХИЛӢ ВА НАЗОРАТКУНӢ

Дар хатти аввали мудофиа, низоми муассири назорати дохилӣ ва худи маҳфуми «назорат» муҳимтарин ҷузъи идоракунии самаранок мебошад. Он воситаи асосии пешгирии фасод ва ё коррупсия буда,ҳамчунин дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба шумор мераванд.

Роҳбарияти ташкилоти ҷамъиятӣ барои таъмини амалиёт масъул аст, то бо чунин усул ҳадафҳои ташкилоти ҷамъиятӣ амалӣ гарданд. Ин тавассути татбиқи самарабахши системаи назорати дохилӣ ба даст оварда шуда, нигаҳбонӣ ва ҳифз мешаванд.

МОА бояд назорати дохилии ташкилоти аудитшавнадаро омӯзад, то муайян кунад, ки раванди он ба пуррагӣ ҷараён дорад, ё ин ки оё он барои бартарфсозии хавфҳо ва таъмини боэътимодонаи ақлонӣ роҳбарият ҷидду ҷаҳд доранд, ки рисолати аслии ташкилотро иҷро намоянд.

МОА бояд арзёбӣ намоянд, ки оё ҳадафҳои умумии назорати дохилии ташкилоти аудитшаванда санҷида мешаванд:

• иҷроиши қоидаҳо, одобу ахлоқ, сарфакорӣ, самаранокӣ ва амалиётҳои воқеӣ;

31 Ҳуҷҷати омодашуда барои ҷаласаи техникии Комиссия оид ба ҳисоботдиҳӣ OLACEFS дар Аргентина, моҳи август соли 2008.

- иҷрои ӯҳдадориҳои ҳисоботӣ;
- риояи қонунҳои амалкунанда ва қоидаҳои ҷорӣ;
- ҳифзи захираҳо аз талафот ва истифодаи нодурусту зараровар.

Талоши заифи ошкоркунӣ ва ислоҳкунии иштибоҳот, ҳамчунин пешгирии сар задни иштибоҳоту ғалат аз ҷониби сохторҳои назоратии МОА ҳамчун нишондиҳандаи эҳтимолии ҳуқуқвайронкунӣ дар оянда бо талоши МОА баррасӣ карда шавад ва бартараф карда шавад. [47]

## » 4.4.5 ЗАИФИИ НИЗОМИ БАҚАЙДГИРАНДА

Ваколатҳои аудиторӣ, ки аз қонунҳо, қоидаҳо, сандаҳои меъёри ҳуқуқӣ, дастурҳои вазирон, талаботҳои муқарраршудаи сиёсати ҳукумат ё қонунгузорӣ бармеоянд, метавонанд ба ҳадафҳои иловагӣ расанд. Ин ҳадафҳои иловагӣ метавонанд масъулияти аудиторӣ ва ҳисоботдиҳиро дар бар гиранд, ба монанди ҳисобот дар бораи он, ки оё аудиторони сохтори давлатӣ ягон талаботро ба талаботҳои давлатӣ, аз ҷумла буҷет ва низомҳои ҳисоботдиҳӣ ошкор кардаанд ва / ё ҳисобот дар бораи самаранокии назорати дохилӣ бошанд.
Аммо, ҳатто дар сурати мавҷуд набудани чунин ҳадафҳои иловагӣ, мардум метавонанд интизор шаванд, ки аудиторони сохтори давлатӣ дар бораи риоя накардани ваколатҳои аудиторӣ ё ҳисоботдиҳии самаранокии назорати дохилӣ ҳисобот медиҳанд. Ин масъулияти иловагӣ ва хавфҳои марбут ба қаллобӣ бояд аз ҷониби аудитори бахши давлатӣ ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани аудит баррасӣ карда шаванд. [47]

Тақвияти низоми баҳисобгирии аудитор бо кӯшиши фаъолона барои таъмини беайбии доимӣ, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар ташкилот ва инчунин ҳукумат муҳити пешгирикунанда фароҳам меорад, ки барои қаллобӣ ва фасод (коррупсия) мусоид нест. Низоми муассири баҳисобгирӣ ҳисоботдиҳиро тавассути таҳия ва пешниҳоди маълумоти саривақтӣ ва дақиқ таъмин менамояд ва бо ин васила ба фазои устувории татбиқи қонунҳои ҷорӣ мусоидат намуда, аз ҷумла ҳолатҳои марбут ба қаллобӣ ва коррупсияро маҳдуд мекунад.
Низоми муассири баҳисобгирии муҳосиботӣ масъалаи ҳисоботдиҳиро тавассути таҳия ва пешниҳоди маълумоти саривақтӣ ва дақиқ пешбинӣ менамояд ва бо ин васила доираи қонуншиканиҳо, аз ҷумла қаллобӣ ва коррупсияро маҳдуд мекунад.
МОА бояд фаъолияти низоми баҳисобгирии муҳосиботиро (инчунин низоми баҳисобгирии воситащои пулии нақдӣ) тафтиш карда, аз ҷумла, ба усулҳои қабулшудаи арзёбии пасанадозҳо ва захираҳо, ӯҳдадориҳо ва қарзҳои дебиторӣ, усулҳои амортизатсияи воситаҳои асосӣ ва идоракунии саромоя ва ҷараёни молиявӣ равона карда шаванд.
Дар ин соҳа, МОА бояд бо таваҷҷуҳи хоса, иқтидори закии хешро баҳри иҷрои ӯҳдадориҳои ҳисоботии ташкилотҳои аудитшаванда равона созад. МОА инчунин бояд саҳҳеҳияту дурустии ҳисоботи молиявиро тафтиш кунад, китобҳои қайди молиявии субъектҳои аудитшавандаро баррасӣ кунад ва ҳолатҳои сӯистеъмоли натиҷаҳои молиявӣ ва унсурҳои қаллобонаи «баҳисобгирии эҷодӣ» -ро истисно кунад. Дар ҳолати зарурӣ, коршиносони беруна бояд таҳлили ҳамаҷонибаро анҷом диҳанд.
Яке аз сарчашмаҳои муҳими иттилоот оид ба фаъолияти ширкат ҳисоботи молиявии он мебошад.

*ISSAI 2240 – Масъулияти аудитор дар муносибат ба ҳолатҳои қаллобона дар раванди аудити молиявӣ, INTOSAI*

Ҳисоботи молиявие, ки аз тартиботи тафтишотӣ гузашта, тасдиқ шудааст, манбаи боэътимоди иттилоот барои сиёсатмадорон, ҷомеа ва сохторҳои гуногуни давлатӣ мебошанд.
Бо назардошти тартиботӣ хронологӣ, ҳисоботи молиявӣ пас аз воридшавӣ ба воҳиди баҳисобгирӣ дуюмдараҷа мебошанд. Ғайр аз он, онҳо маълумоти маҷмӯӣ дар бораи вазъи моликият, молия ва фаъолияти муҳосиботии воҳидиро дар бар мегиранд.

Ҳисоботи молиявӣ манбаи муҳими иттилоотӣ барои сармоягузорон ва сиёсатгузорон дар бахши хусусӣ ва давлатӣ мебошад. Дар ҳақиқат, онҳо дорои маълумоти зарурӣ барои қабули қарорҳои оқилона мебошанд. Қаллобӣ – ин фиреби қасдан ва ғаразнок буда, барои фиреб додани муштариён ва истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ бо пешниҳоди маълумоти моддӣ ва молиявии аз воқеият фарққунанда мебошад.

Ҳадафи аудити ҳисоботи молиявӣ муайян кардани он аст, ки онҳо ба сиёсати ҳисобдории амалкунанда мутобиқат мекунанд ва дороиҳо ва фаъолияти молиявии ташкилотро одилона ва дақиқ нишон медиҳанд. Аудиторҳо, аз ҷумла, бояд муайян кунанд, ки оё ҳисоботи молиявии аудитшуда ва санҷида шудааст:

• оё дар асоси ҳисоботи дурусту саҳеҳ тартиб дода шудааст;
• оё мутобиқи муқаррароти мушаххаси қонунгузории ҷорӣ тартиб дода шудааст;
• оё ҳама иттилооти марбут ба арзёбии ташкилотро холисона ва возеҳ пешниҳод мекунад.

Аудиторҳо бояд тафтиш кунанд ва муайян кунанд, ки оё ташкилот ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ягон усули қаллобона ва равишҳои ғайриқонунӣ, ё ин ки усулҳои гуногуни баҳисобгирии «худэҷодкунандаро» истифода кардааст. Аудиторҳо бояд тасдиқ кунанд, ки амалиётҳо сабт шудаанд ва ҳисоботи молиявӣ мутобиқи стандартҳои аудиторӣ, ки махсусан барои тибқи меъёрҳои аудити ташкилоти аудитшаванда татбиқ ва таҳия карда шудаанд. Ҳадафи асосии аудити молиявӣ аудити мутобиқати стандартҳоро муайян мекунад, ҳамчунин меъёрҳои дигар ҳамчун истисно маҳсуб меёбанд.

Ҳадафҳои аудити молиявии сохтори давлатӣ аксаран ба таври возеҳу равшан омода мегардад, дар қиёс нисбат ба изҳори ақидаи оне, ки оё ҳисоботи молиявии таъиноти махсус аз рӯи ҳама ҷиҳатҳо мутобиқи консепсияи омодасозии ҳисоботи молиявии таҳия мешаванд. (дар доираи Стандартҳои байналмилалии аудит). Ваколатҳо нисбати аудит ва ё уҳдадориҳои субъектҳои давлатӣ, ки аз қонунгузорӣ, фармонҳо, дастурҳои вазирон, талаботҳои сиёсати давлатӣ ё қонунгузорӣ бармеоянд, метавонанд боиси ҳадафҳои иловагӣ шаванд. Ин ҳадафҳои иловагӣ метавонанд масъулияти аудит ва ҳисоботдиҳиро дар бар гиранд, масалан, марбут ба маълумот ва ё итилооти ҳисоботие, ки оё аудитор ягон ҳолати риоя накардани ваколатро, аз ҷумла буҷет ва ҳисоботдиҳиро ошкор кардааст ва / ё ҳисобот дар бораи самаранокии назорати дохилӣ низ маълумоте дода шудааст.[48]

Дар зерсохтор бояд мавриди омӯзиш қарор гирад, аз ҷумла:

• эътирофи хароҷот ва хароҷоти воҳидҳои тиҷоратӣ дар марҳилаҳои ҳисоботии дахлдор,
• идоракунии харид ва эътирофи баҳисобгирии беҳбудиҳо ё воситаҳои асосӣ (аз ҷумла навсозӣ ва таъмири хазинаҳои асосӣ),
• ташкили захираҳои беқурбшуда ва қарзҳои дебиторӣ,
• қоидаҳои муқарарсозӣ ва пардохти амортизатсияи воситаҳои асосӣ,
• ташкили захираҳои тавозун,
• эътирофи муҳосиботии хариди хизматҳои лизингӣ ва
• баҳисобгирии зарар.

Ҳангоми фоида (даромад) аз фурӯш, бояд ба тартиботи зерини интихоби харидорон дар мавриди фурӯши дороиҳо диққати зарурӣ диҳем:

• тарзи нигоҳдории фурӯш, хусусан нисбати ҳисоббаробаркунии оҷилу сареъ,
• ба таъхир гузоштани фурӯши молҳо бо усули даврашаклии андоз (аз ҷумла ситонидани андоз аз молҳо ва хизматрасониҳо дар низоми бозори савдо),
• баҳисобгирии фурӯши "сохта",
• бархӯрди эҳтимолии ихтилофи манфиатҳо ва
• ҳалли захираҳои беасос.

Ин гуна амалҳо имкон медиҳанд ва ё ҳадди аққал барои муайян кардани он, ки оё дар ин соҳа фасодкорӣ ва оё шубҳаҳои «шустушӯи воситаҳои пулӣ» вуҷуд доранд.

Намунаҳои норасоии сохти бунёдии идоракунии воситаҳои пулӣ инҳоянд:

• сохтори номувофиқ ва носеҳеҳии назорати дохилӣ оид ба таҳияи ҳисоботи молиявии аудитшаванда,
• сохтори номувофиқ ва носеҳеҳии назорати дохилӣ дар баҳисобгирии сабтҳо ва раванди он,
• ҳуҷҷатҳои нокифояи ҷузъҳову қисматҳои ҳуҷҷатгузории назорати дохилӣ,
• мавҷуд набудан ё тақсимоти номувофиқи вазифаҳо дар доираи ҳисобгири муҳим ва ё раванди он,
• мавҷуд надоштан ё нокифоягии назорати бехатарии дороиҳо,
• тарҳрезии нокифояи технологияҳои иттилоотӣ (меъёри умумӣ ва амалие, ки ба пешниҳоди маълумоти пурра ва дақиқи низоми иттилоотӣ, ки ба мақсадҳои ҳисоботи молиявӣ ва ниёзҳои ҷорӣ мувофиқат мекунад),
• мувофиқат накардани ҳисобҳои моддӣ дар шолати муқоисакунӣ,
• роҳбарият чораҳои назоратиро ба роҳ намондааст,
• гумроҳ кардани аудитор аз ҷониби кормандони муштариён (метавонад нишонаи қаллобӣ бошад).

Ғарази бетарафӣ ва ғайривоқеии аз ҳад зиёди шахсони масъули қарорҳои муҳосиботӣ, масалан, ба таври кам мунтазам нишон додани хароҷот ва ё баландкунии изофавӣ.

Иттилооти муффасал оид ба накши МОА дар адуити ҳисоботии *ISSAI 2240, ISSAI 2800, ISSAI 2805 ва ISSAI 2810.*

### »4.4.6 КОРБАРӢ НАКАРДАНИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҶҶАТГУЗОРӢ ВА ҲИСОБОТДИҲӢ

Ҳуҷҷатҳои эклетронӣ (файлҳо) нопурра ҳисобида мешаванд, агар қарорҳо бо дархостҳои нопурра ё нодурусти тарафҳои манфиатдор асос ёбанд. Талаботи ҳуҷҷатгузорӣ ва ҳисоботдиҳиро ҳамчун бюрократияи нолозим маҳсуб донистан лозим аст, дар ҳоле ки ҳуҷҷатгузорӣ ва ҳисобот аксар вақт беҳтарин кафолати шаффофияти расмиёти маъмурӣ ё муомилоти марбут ба моликияти ҷамъиятӣ мебошанд. Зарур аст, ки талаботро барои ҳуҷҷатгузории дуруст ва ҳисобот оид ба ҳама амволи давлатӣ муқаррар кард. Дар ин самт МОА бояд ба иҷрои ӯҳдадориҳои ҳисоботӣ аз ҷониби ташкилотҳои аудитшаванда таваҷҷуҳи зарурӣро равона созад.

### » 4.4.7 ИСТИФОДАБАРИИ БАРЗИЁДИ ПУДРАТЧИЁН ВА МИЁНАРАВҲО

Истифодаи барзиёди пудратчиён ва миёнаравҳо дар ҳолате рух медиҳад, ки муассисаи давлатӣ ширкатҳои мушовирӣ ва коршиносони берунаро барои иҷрои вазифаҳои аслии агентиҳо бо арзиши баландтар аз хароҷоти худи агентӣ ба кор мебарад, ки нисбат ба гузаронидани ин гуна чорабиниҳо, ки ширкат имконияти онро ба таври мустақилона гузаронданро дорад, то ки ба манфиатҳо ва афзалиятҳои хусусӣ ноил гардад.

МОА бояд баҳо диҳад, ки оё маъмурияти давлатӣ аз ҳад зиёд аз ширкатҳои беруна вобастагӣ дорад, оё ташкилотҳои беруна вазифаҳоеро, ки ташкилот мустақилона иҷро карда метавонад, оё ин низом боиси таъсири номатлуб ба роҳбарияти ташкилот мегардад.

### » 4.4.8 БЕҲТАР КАРДАНИ ИДОРАКУНИИ ХУБУ АРЗАНДА ТАВАССУТИ АФСАРОНИ ИНФИРОДӢ

МОА бояд идоракуниро тавассути мансабдорони алоҳида такмил диҳад. Рафтор ва амали онҳо, ки аз ҷониби кормандони ҳама мавқею сатҳҳо дарк карда мешавад, дар муваффақшавии онҳо муассир бошад ва дар беҳтар кардани ахлоқии ҳадафҳои созмони онҳо мусоидат кунад.

Роҳбарияти, фаъолони ҷомеа ва дигар шахсони мансабдори баландпоя барои муайян кардани самаранокии ташкилоти ҷамъиятӣ дар пешбурди рафтори муҳими идоракунии мусбӣ дар тамоми зерсохторҳои ташкилот қоиби қабул ва дастгирӣ мешавад.

Ҳар як корманд бояд аз қонунҳо ва стандартҳои меҳнатӣ бархӯрдор бошад, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои ӯ дахл доранд. Ҳар як корманд бояд бифаҳмад, ки чӣ гуна саҳми шахсии онҳо ба идоракунии самарабахш ва дар ниҳояти ноилшавӣ ба ҳадафҳои институтсионалӣ мусоидат мекунад.

Ташкилотҳо бояд кормандони хеш ва роҳбарони худро барои таҳия, арзёбӣ, назорат ва ба даст овардани ҳуҷҷатҳои асосии зерин ва иҷрои самараноки онҳо ҷалб кунанд:

- баёни возеҳи арзишҳо, амалия ва рафтори аз одамони дар ташкилот пешбинишуда,
- баёни возеҳи сиёсати кадрии ташкилот, аз ҷумла ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳое, ки он ба зиммаи роҳбарон ва зердастону зертобеи ташкилот мегузорад,

• маълумоти муҳиму мухтасар ва иттилооти муттасил дар бораи фишангҳои (механизмҳои) идоракунии ташкилот, аз ҷумла истифодабарии меъёрҳои хуқуқӣ ва сиёсатмадорӣ, шӯроҳо ва кумитаҳо, оинномаҳои онҳо, узвият ва муносибат бо дигар мақомоти роҳбарикунанда, меъёрҳои аудитӣ ва мубориза алайҳи қаллобӣ, ҳамчунинин ҳифзи донандагони маълумоти махфӣ ва ҳифзи зарурии итилоотраоснҳо ва хабардиҳандагон,
• баёни возеҳи ҳадафҳои корпоративӣ, нишондиҳандаҳои асосии фаъолият ва нақшаҳои тиҷорати ташкилот, ҳамчунин
• муносибати ташкилот ба идоракунии хавфҳо, аз ҷумла усулу равишҳо, ҳаҷм ва параметрҳои баррасишаванда.

Роҳбарони ҷомеа бояд кафолат диҳанд:

• маҷмӯи возеҳу дақиқи масъулияти шахсӣ, ҳайатҳо ва ҳадафҳои иҷроиши самаранокии марбут ба дурнамои корпоративӣ ва нақшаҳои тиҷоратии ташкилот,
• иттилооти мунтазам дар бораи муҳокимаҳо ва қарорҳои калидии Шӯро (ҳо) ё кумитаи (кумитаҳои) идоракунандаи ташкилот,
• мунтазамии ҳисоботҳо оид ба фаъолияти ташкилот дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои асосӣ ва / ё ҳадафҳо бо таҳлиле, ки ба барои омӯзиши ташкилот барои омӯхтани таҷриба мусоидат мекунад,
• ташвиқ дар ҳама сатҳҳо барои саҳмгузорӣ дар идоракунии хуб, аз ҷумла роҳбарии намунавии мақомот ва роҳбарияти олӣ, ҳамчунин
• низоми арзёбии самаранокии институтҳои давлатӣ, ки бо иҷрои ваколатҳои мувофиқи мавқеи онҳо алоқамандand.

МОА бояд баррасӣ ва арзёбӣ кунад, ки сатҳи як ташкилот то куҷо сиёсати идоракунии хуби худро татбиқ мекунад ва то чӣ андоза самаранок будани онҳоро дар пешбурди рафторе, ки идоракунии хубро дар тамоми ташкилот фарогир бошад ва ин сиёсати идоракунии хубро то чӣ андоза дастгирӣ мекунад.

## »4.4.9 ТАДБИРҲОИ МУШАХХАС ОИД БА МУБОРИЗА АЛАЙҲИ ФАСОД ДАР САМТИ БЕҲТАР КАРДАНИ ИДОРАКУНИИ АМВОЛИ ҶАМЪИЯТӢ

Интизор меравад, ки ҳар як созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ барномаи чорабиниҳои муназзам низоми баргузории чорабиниҳоро таҳия мекунад, ки баҳри бартараф ё ҳадди аққал ҷиддӣ кам кардани хавфҳои коррупсионӣ ва шустушӯи воистаҳои пулӣ равона карда шудааст. Масъалаи мубориза бо фасод ва дигар намудҳои қонуншиканӣ тавассути баланд бардоштани баинсофӣ ва ростқавлӣ, шаффофӣ, мунтзам ҳисоботдиҳӣ ва дигар принсипҳои идоракунии хуби дороиҳои давлатӣ бояд мавзӯи мубоҳисаҳои дохилӣ ва барномаҳои омӯзишӣ бошанд.
МОА бояд корбарии таҳримоти самаранокро нисбати мансабдорони давлатӣ, ки ба қонуншиканӣ даст доранд, мавриди арзёбии хеш қарор диҳад ва бо дигар сохторҳои давлатие, ки дар такмили идоракунии самарабахш иштирок доранд, ҳамкориҳои шарикӣ дошта бошад. Азбаски самаранокии мубориза алайҳи ВОФК фасод дар муносибат бо намудҳои гуногуни қонуншиканӣ аз фаъолияти дигар ҷонибҳои манфиатдор вобаста аст, пас бояд МОА бо ин ниҳодҳо ҳамкории зич дошта бошад. Ҷузъи муҳими чунин ҳамкорӣ ин якдигарфаҳмӣ ва дарки ҳадафҳо ва усулҳои кори байни ташкилотҳое мебошад, ки бояд дар якҷоягӣ корбарӣ шавад.
Дар ҳолати зарурӣ ВОФК бояд бо мақомоти давлатӣ (масалан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) дар имзокунии созишномаҳо талош кунад, ки дар татбиқи стратегияи муассир ва устувории принсипҳои идоракунии мавҷудаи таҳкимбахшу хуб мусоидат кунанд. [49]

---

1 *Добровольский З. Мусоидат дар амният ва суббот; З. Добровольский, Нақши Палатаи*

*олии назоратӣ дар таҳкими эътимоди ҷамъиятӣ тавассути мубориза алайҳи қонуншиканиҳо*

# 5

## МУСОИДАТ БАҲРИ ИДОРАКУНИИ САМАРАНОК ТАВАССУТИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО

Моҳияти консепсияи идоракунии самаранок - ин қобилияти мақомоти идоракунӣ дар татбиқи ҳадафҳои ҷомеа мебошад.

Аз ин рӯ, мақомоти роҳбарикунанда бояд:

1) на ба манфиати сиёсатмадорони ҳозира, балки ба манфиати тамоми ҷомеа амал кунад,
2) оқибатҳои дарозмуддати татбиқи сиёсати худро таъмин мекунанд,
3) дар танзими аз ҳад зиёд канораҷӯӣ кардан,
4) сохтори мувофиқи ҳавасмандгардонӣ барои операторони бозорро эҷод кунад, ҳамчунин
5) ба фишори лоббиҳо ва дигар гурӯҳҳои манфиатдор муқовимат кунед.

Мавҷудияти идоракунии самаранок маънои истифодаи роҳҳои ҳалли институтсионалиро дар бар мегирад, ки вайроншавии бозорро (шикасти бозорро) коҳиш медиҳад ва аз тарафи дигар, заифиҳои ҳукуматро (норасоиҳои ҳукумат) маҳдуд мекунад.

Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба доираи васеи хавфҳои стратегӣ, амалиётӣ ва молиявии бархӯрд мекунанд, ки ҳам омилҳои дохилӣ ва беруниро дар бар мегирад, ки метавонанд барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ монеъ шаванд.
Идоракунии хавфҳо ин усули нақшавӣ ва муназзам дар самти муайян, арзёбӣ ва вокуниш ба хавфҳо, таъмини эътимод ба самаранокии муассир мебошад.
Хавфҳо аз номуайянӣ дар оянда ба вуҷуд меоянд. Тасдиқшавии хавф метавонад аз эҳтимолияти талафоти иктисодӣ, молиявӣ ё иҷтимоӣ, зарари ҷисмонӣ ё осеб дидан ё таъхир ба миён ояд. Он инчунин метавонад бо тағирёбии муносибатҳои тарафҳои вобаста ба таъминот, моликият, истифода ва нигоҳдории дороиҳо бо мақсадҳои давлатӣ ё хусусӣ ба амал ояд. Он инчунин метавонад бо тағирёбии муносибатҳои тарафҳои вобаста ба таъминот, моликият, истифода ва нигоҳдории дороиҳо бо мақсадҳои давлатӣ ё хусусӣ ба амал ояд.
МОА бояд татбиқ ва баррасии татбиқи идоракунии хавфҳоро дар ташкилотҳои аудитшаванда баррасӣ кунад. Аз ҷумла, МОА бояд тафтиш кунанд, ки оё ташкилотҳо барои ошкору муайян кардани хавфҳои эҳтимолие, ки метавонанд ба фаъолияти ин бахш таъсир расонанд ва ташкилотҳо талоше доранд таъсири ин хавфҳоро дар сатҳи қабулшаванда нигоҳ доранд, то кафолати иҷроиши ҳадафҳои онҳо таъмин карда тавонанад, то монеае дар ин раванд пеш наояд.
Идоракунии хавфҳо барои роҳбарият дар қабули қарорҳои дахлдор дар муҳити номуайян тавассути фаҳмидан, баҳодиҳӣ ва афзалият додани хусусият ва таъсири хавфҳо дар самти таъмини ҳадафҳои ташкилот бошад ва метавонад, ки кӯмакрасони хуб бошад.

Ин гуна равиш ҳамчунин кафолат медиҳад, ки роҳбарият барои коҳиш додани заифиҳо ва кам кардани таъсири манфии эҳтимолӣ чораҳо андешад. Идоракунии хавфҳо таъсири ояндаи омилҳои номатлубро ба назар гирифта, таҳдидҳои эҳтимолиро ба дороиҳои ҷисмонӣ ва инсонӣ дар расидан ба ҳадафҳои ташкилот пешбинӣ мекунад. Натиҷаи раванди идоракунии хавфҳо арзёбии самаранокии назорати татбиқшаванда ва мувофиқати тарҳрезии ин назоратҳоро дар робита бо арзиши воистаҳои назоратӣ мебошад.

Низоми идоракунии хавфҳо бояд маҷмӯи пурраи фаъолият ва масъулиятро дар ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти ташкилот ба назар гирад ва мавҷудияти таҷрибаҳои пешқадам ва равиши идоракуниро мунтазам баррасӣ кунад, аз ҷумла:

- дурнамо ва санади суғуртавиро дар амал дар ҳама қисматҳои дахлдори ташкилот корбарӣ намояд,
- дурнамо ва санади суғуртавиро таҳия ва мунтазам баррасӣ карда тавонад,
- хизматҳои босифат фаврӣ ва самарабахш пешниҳод карда шаванд,
- иҷрои мунтазами истеҳсолӣ ва бояд қатъӣ назорат шуда, баҳри пешгирии сатҳи пасти истеҳсолнокӣ чораҳои самарнокро истифода шаванд,
- қонунҳо ва қарорҳои ҷорӣ риоя карда шаванд,
- иттилооте, ки ташкилот истифода мебарад, ҷорӣ, дақиқ, пурра, саривақтӣ ва боэътимод бошад,
- ҳисоботи молиявӣ ва дигар маълумоте, ки ташкилот нашр мекунад, дурусту саҳеҳ ва ва боэътимод бошад, ҳамчунин,
- захираҳои молиявӣ ва инсонӣ самаранок, муассир ва боэътимод идора карда шаванд.

Таносуби хароҷот ва фоидаи назорат барои ҳалли хавфҳои муайяншуда қисми ҷудонашаванда ва таркибии идоракунии хавфҳо мебошад.
Банақшагирии идоракунии хавфҳо дар марҳилаи банақшагирии корхонаҳо / лоиҳаҳо амалӣ карда мешавад ва пеш аз ҳама ба эҷоди дурнамо ва усулу равишҳои мувофиқ барои мубориза бо таҳдидҳои пайдошуда равона карда шудааст.

Дар раванди арзёбии хавф, роҳбарият бояд ба унсурҳои зерин диққат диҳад:

- тариқи рақамгузорӣ муайян кардани хавф дар асоси дониш ва таҷрибаи андӯхта, инчунин натиҷаҳои таҳлили коршиносон,
- таҳлили таъсири хавфҳои эҳтимолӣ барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои лоиҳа,
- таҳлили сифатӣ ва / ё миқдории хавфҳо бо мақсади муайян кардани эҳтимолияти хавфҳо ва таъсири эҳтимолии онҳо,
- банақшагирии вокунишҳо ба хавфҳои муайяншуда ва андешидани чораҳои дахлдор, инчунин
- мониторинг ва назорати хавфҳо.

Низоми идоракунии хавфҳо инчунин ҳисоботи солонаи назорати дохилиро нигоҳ медорад, ки онро бисёр мақомоти давлатӣ талаб мекунанд. Вокунишҳои муассир ва мувофиқи хавф ҷорӣ намудани назорати дохилӣ, суғуртаи хавфҳо, қатъ кардани фаъолиятҳое, ки хавфро ба вуҷуд меоранд, тағир додани фаъолияте, ки хавфро ба миён меоранд, ё дар баъзе ҳолатҳо, қабули хавфро дар бар мегиранд.

## ЗАМИМА : ИСТИНОДҲО

Ин дастурамалест, ки кӯшиши муштараки аъзои WGFACML мебошад ва бо истифода аз истинод ба конвенсияҳои зерин, қонунҳо, қоидаҳо ва таҷрибаҳои беҳтарини байналмилалӣ таҳия шудааст, бидуни ҷустуҷӯи такрори кодексҳо ва дастурамалҳое, ки аллакай мавҷуданд ва ба намудҳои муайяни ташкилотҳо дахл доранд:

» Конвенсияи СММ алайҳи фасод, СММ, Ню-Йорк, 2004:
А. ҚОНУНГУЗОРӢ. Дастурамал оид ба татбиқи ташкилотҳои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид алайҳи фасод.
Б. Дастурамали техникӣ оид ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид алайҳи фасод.
В. Роҳнамои техникии оид ба таҳкими содиқона ва устувории низоми судӣ.
Г. Механизми иҷроиш ва баррасии Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид алайҳи фасод - Ҳуҷҷатҳои асосӣ.
» Доираи изҳороти касбии INTOSAI (IFPP), ки лохил мешаванд:
д. INTOSAI-P 1 Эъломияи ЛИМ
е. INTOSAI-P 10 Эъломияи мексикоӣ оид ба мустақилияти МОА.
е. INTOSAI-P 12 оид ба арзишҳо ва афзалиятҳои МОА
ж.INTOSAI-P 20 принсипи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ.
з. Кодекси ахлоқи ISSAI 130.
к. ISSAI 2240 «Масъулияти аудитор нисбати қаллобӣ дар ҳисоботи молиявӣ».
л. ISSAI 2250 «Баррасии қонунҳо ва қоидаҳо дар ҳисоботи молиявӣ».
м. ISSAI 2265 Иттилоотрасонӣ ба ашхосе, ки барои идоракунии корпоративӣ, норасоиҳои идоракунии дохилӣ масъуланд.
н. ISSAI 2610 «Истифодабарии корҳои аудити дохилӣ».
у. GUID 9040 Таҷрибаи мавҷудае, ки бо шаффофияти МОА марбут аст.

» Стандартҳои баҳисобгирии байналмилалӣ дар сохтори давлатӣ (IPSAS), ки аз ҷониби Шӯро оид баҳисобгирии байналмилалӣ дар сохтори давлатӣ (IPSASB) таҳия шудааст, аз қабили:
а. МСУГС 1: Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ.
б. МСУГС 2: Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ.
в. МСУГС 3: Тағйирот дар сиёсати арзёбии муҳосиботӣ ва иштибоҳот.
г. МСУГС 24: Пешниҳоди итилооти буҷетӣ дар ҳисоботи молиявӣ.
» Дастурамали IIA алайҳи қаллобӣ.

» Дастурамал оид ба худбаҳодиҳии боинсофонаи мақоми олии назорати молиявӣ, Суди Ҳисоби Нидерландия, соли 2011.

»Конвенсияи ОЭСР оид ба мубориза бо ришвахории мансабдорони давлатии хориҷӣ дар муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ.

»Системаи ҳамгирошудаи назорати дохилӣ, ки аз ҷониби Кумитаи ташкилотҳои сарпарастии Комиссияи Тредуэя (COSO), майи соли 2013

»Идоракунии Аврупо. Китоби Сафед, Комиссияи Ҷамъиятҳои Аврупо, Брюссел, 2001

»Роҳнамои амалияи беҳтарини идоракунии дороиҳои стратегӣ ва амалиётӣ барои ташкилотҳои сектори давлатӣ: ноилшавӣ ба натиҷаҳои муттасил тавассути пойгоҳи дороиҳои муассир ва муносиб, Дафтари Миллии Аудитории Австралия, сентябри соли 2010.

»Рӯйхати назоратӣ барои истифодаи аудити молиявӣ ва аудити мутобиқати хариди давлатӣ, Кумитаи тамос бо Муассисаҳои олии аудитории Иттиҳоди Аврупо.

»Дастурамалҳои 2005/60 / ПА. Парлумони Аврупо ва Шӯро аз 26 октябри соли 2005 оид ба пешгирии истифодаи низоми молиявӣ бо мақсади шустушӯи воситаҳои пулӣ ва маблағгузории терроризм.

Муҳлати тавсияҳои ФАТФ, Гурӯҳи кории амалии молиявӣ алайҳи шустушӯи воситаҳои пулӣ (ФАТФ), соли 2003"
Стандарти идоракунии самаранок барои хизматрасониҳои давлатӣ, Комиссияи мустақил оид ба идоракунии самаранок дар соҳаи хидматрасонӣ, Дафтари мустақили идоракунии давлатӣ, Office for Public Management Ltd., Донишкадаи шоҳигарии молияи давлатӣ ва баҳисобгирӣ баҳисобгирӣ, Лондон, Британияи Кабир, соли 2004

»Хулосаҳои Семинари Вишеград «Нақши аудитор дар ошкор кардани қаллобӣ ва пешгирии фасод (коррупсия) », Люблян, Словения, соли 2011

» Беҳтарин таҷрибаҳои Лаҳистонии SAI50.

» Эъломияи принсипҳои ҳисоботдиҳӣ OLACEFS, ки дар Генеральной ассамблеяи XIX –уми OLACEFS дар Асунсоне, Парагвай, октябри соли 2009.

» Донишкадаи аудиторони дохилӣ:« Се хати ҳимоя дар идоракунии самаранок оид ба хавфҳо ва назорат, Январи соли 2013.

"Бойт, Ҳ.С., Бознигарии демократия: Идоракунӣ, Агентии шаҳрвандӣ ва сиёсат, Шарҳи маъмурияти давлатӣ № 5, Ҷамъияти Амрикоии Идоракунии Давлатӣ, соли 2005.

»З.Добpayволский, Пешбурди амният ва субот тавассути идоракунии хуб. Фаъолияти Дафтари олии аудитории Лаҳистон ҳамчун намунаи ҳамкориҳои байниидоравӣ дар мубориза бо фасод (коррупсия), шустушӯи воистаҳои пулӣ ва дигар намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳо, 20-умин Форуми иқтисодӣ ва муҳити зистӣӣ САҲА, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Прага соли 2012.

"Козуч Б., Добровolский З. (таҳрир). Эҷоди эътимоди мардум. Дурнамои ташкилӣ, Питер Ланг GmbH, Франкфурти Майн, соли 2015

---

1 Натиҷаҳои аудити МОА Лаҳистон: ҳисоботҳо дар бораи натиҷаҳои аудити ба объектҳои фиристодашуда, хулосаҳо дар бораи натиҷаҳои аудити ба Парлумон ва дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ пешниҳодшуда, ҳисоботҳои омодашудаи солона дар бораи фаъолияти ВОФК Лаҳистон ва таҳқиқоти марбут ба хатари фасодшавӣ (коррупсионӣ), ки ба Парлумон ва афкори ҷамъиятӣ пешниҳод шудааст.